«... Имрӯз дар кишвари мо дар бобати мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, тамоми заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шудаанд...»

Эмомалӣ Раҳмон



«... Сегодня в нашей стране созданы все нормативно-правовые основы и организационные условия для борьбы против незаконного оборота наркотических веществ, являющегося одной из важнейших проблем мирового сообщества...»

Эмомали Рахмон

## САРСУХАН

## ВВЕДЕНИЕ

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир масъалаи мураккаб ва муҳими байналмилалӣ буда, бо ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, тиҷорати силоҳ ва инсон, терроризм ва экстремизм, ки ба суботу амният ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар алоҳидагӣ ба як кишвар ва дар маҷмӯъ ба минтақаҳо таҳдид дорад, алоқаманд мебошад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ омили нерӯманде, ки инкишофи ҷиноии вазъи вобаста ба мухаддиротро муайян мекунад, чун пештара истеҳсоли маводи нашъадор дар Афғонистон боқӣ мемонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хати пеши мубориза бо қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба кишварҳои минтақа, Россия ва Аврупо қарор гирифта, зарфи ду даҳсола дар ҳамаи доираҳои ҳамкориҳои байналмилалии зиддимухаддиротӣ фаъолона ширкат мекунад. Тӯли ин муддат 17 созишномаи байнидавлатӣ дар самти назорати маводи мухаддир, аз ҷумла бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳодияи Аврупо, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва дигарон имзо шудааст.

Барномаҳои давлатии зиддимухаддиротии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намуда, ҳамчунин ба шарофати кӯмакҳое, ки аз ҷониби кишварҳои маблағгузор, Раёсати СММ оид ба мухаддирот ва ҷинояткорӣ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ барои таҳкими иқтидори мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон расонида мешавад, кишвари мо дар муқобилият бо таҳдиди мухаддиротӣ ҳиссаи эҳсосшаванда мегузорад.

Зарфи 12 соли охир дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ бештар аз 73 т воситаҳои нашъаовар мусодира намуданд, ки 31 т онро героин ва 24 т афюн ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ танҳо аз маводи мухаддири гурӯҳи афюн, ки дар ҶТ мусодира шудааст:

- 177 миллион меъёри истеъмоли мухаддирот, ки ба истеъмолкунандагон нарасидааст;
- 40,3 миллион одамони аз вобастагӣ ба нашъамандӣ наҷотёфта;
- 1,4 миллиард долларе, ки то созмонҳои муташаккили ҷиноӣ ва гурӯҳҳои террористӣ нарасиданд.

Самти дигари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори салоҳиятдор пешгирӣ ва профилактикаи нашъамандӣ аст. Дар

Незаконный оборот наркотиков является наиболее сложной и актуальной мировой проблемой, связанной с транснациональной организованной преступностью, торговлей оружием и людьми, терроризмом и экстремизмом, которые представляют угрозу стабильности и социально-экономическому развитию как отдельно взятой стране, так и целым регионам.

В Центрально-Азиатском регионе мощным фактором, определяющим криминогенное развитие наркоситуации, по-прежнему, остается производство наркотиков в Афганистане.

Находясь на переднем рубеже борьбы с контрабандой наркотиков из Афганистана в страны региона, Россию и Европу, Республика Таджикистан на протяжении двух десятков лет активно участвует во всех сферах международного антинаркотического сотрудничества. Подписано 17 межправительственных соглашений в области контроля за наркотиками, в том числе со странами Центральной Азии, Европейского Союза, Исламской Республикой Афганистан, Китайской Народной Республикой, Российской Федерацией, Соединенными Штатами Америки и другими.

Реализуя государственные антинаркотиковые программы Республики Таджикистан, а также благодаря помощи, оказываемой со стороны стран-доноров, УНП ООН и других международных организаций в укреплении потенциала компетентных органов Таджикистана, наше государство вносит ощутимый вклад в противодействие наркоугрозе.

За последние 12 лет на территории Таджикистана правоохранительными органами и силовыми структурами из незаконного оборота изъято более 73 т наркотических средств, из которых 31 т составляет героин и 24 т опий.

Таким образом, изъятые в РТ наркотики только опийной группы, это:

- 177 миллионов доз наркотиков, не дошедших до потребителей;
- 40,3 миллионов людей, спасенных от наркозависимости;
- 1,4 миллиарда долларов, не дошедших до организованных преступных сообществ и террористических групп.

Другим направлением деятельности Правительства Республики Таджикистан и соответствующих компетентных органов является профилактика и предупреждение наркомании. В решении указанных проблем важным шагом явилось принятие в 2007 году «Единой Государственной целе-

ҳалли масъалаҳои зикргардида «Барномаи давлатии ягонаи мақсадноки пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар ҶТ барои солҳои 2008-2012», ки соли 2007 қабул шуда буд ва дар айни замон амалӣ мегардад, инчунин таъсиси Шӯрои ҷумҳуриявии ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирӣ аз сӯиистеъмоли маводи мухаддир иқдоми муҳим ба шумор мерафт.

вой Программы профилактики наркомании и противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан на 2008 - 2012 годы», которая в настоящее время реализуется, а также образование республиканского Координационного совета по профилактике злоупотребления наркотиками.

Результаты борьбы с незаконным оборотом наркотиков и меры, принимаемые в области профилактики наркомании в 2011 году, отражены в предлагаемом Обзоре, целью которого является раскрытие тенденций складывающейся наркоситуации не только в Таджикистане, но и в регионе, а также освещение роли нашей страны в международной системе контроля над наркотиками.

Маводи мухаддири мусодиранамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2011 (ба кг)

Изъятие наркотических средств правоохранительными органами и силовыми структурами Республики Таджикистан за 2000 – 2011 гг. (в кг)

Ҳамагӣ / Всего: 73 т 799 кг 234 грамм, аз он ҷумла / в том числе




Натиҷаи мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва чораҳое, ки дар самти пешгирии нашъамандӣ дар соли 2011 андешида шудаанд, дар Шарҳи мазкур инъикос ёфтаанд. Ҳадаф аз ин ифшои тамоюли ба миёномада дар вазъи мухаддиротӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар минтақа, ҳамчунин нишон додани нақши кишвари мо дар системаи байналмилалии назорати маводи мухаддир мебошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин сафоратхонаҳо ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди маводҳои зарурӣ, ки дар омодасозии Шарҳи мазкур мавриди истифода қарор гирифтанд, изҳори миннатдории самимӣ мекунад.

Пользуясь представленной возможностью, Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан выражает искреннюю признательность министерствам и ведомствам Республики Таджикистан, а также посольствам и международным организациям, аккредитованным в Республике Таджикистан, за предоставление необходимых материалов, которые были использованы при подготовке данного Обзора.

# ҶИНОЯТҲОИ МУХАДДИРОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ОН

# НАРКОПРЕСТУПНОСТЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ТЕНДЕНЦИИ ЕЁ РАЗВИТИЯ

1

## Ҷиноятҳои мухаддиротӣ

Соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18477 ҷинояти умумӣ ба қайд гирифта шуда буд, ки 503-тои он ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир марбут буданд. Дар солҳои баъдӣ дар кишвар ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ афзуда, соли 1996 ба 8,4% (1127 ҷиноят) расид. Сатҳи аз ҳама баланди он дар давраи мавриди таҳлил қароргирифта соли 2000 ба қайд гирифта шуда буд - 16,4% (2367).

## Наркопреступность

В 1991 году в Республике Таджикистан было зарегистрировано 18477 общеуголовных преступлений, из которых 503 были связаны с незаконным оборотом наркотиков. В последующие годы в стране доля наркопреступлений возрастала и в 1996 г. составила 8,4% (1127), а самая высокая доля за анализируемый период была зарегистрирована в 2000 г. – 16,4% (2367).




Дар соли 2001 ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ чун аксарияти мутлақи онҳо дар қиёс ба соли 2000 чандон зиёд тағйир наёфтанд ва 16,1% ё худ 2270 ададро ташкил доданд. Аммо дар панҷ соли минбаъда теъдоди ҷиноятҳое, ки ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд мебошанд, бардавом коҳиш ёфтанд. Соли 2006 аз ҷумлаи ин ҷиноятҳо 726 адад ба қайд гирифта шуданд, ки 6,4% аз шумораи ҷиноятҳои умумиро ташкил медиҳад.

В 2001 г. доля наркопреступлений, как и их абсолютное число, незначительно изменилась по сравнению с 2000 г., составив 16,1% или 2270. Однако в последующие пять лет количество преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, стабильно сокращалось. В 2006 году таковых было зарегистрировано 726 или 6,4% от общеуголовных преступлений.



Соли 2011 дар Тоҷикистон 16864 ҷиноятҳои умумӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин яке аз нишондиҳандаҳои баланд дар зарфи бист соли охир ба ҳисоб меравад. Бештар аз ҳама ҷиноятҳои зидди шахсият, иқтисодӣ ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар ба қайд гирифта шудааст. Аз ин рӯ дар соли 2011 ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротӣ 5,5%-ро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ҳамагӣ 0,1% тағйир ёфтааст. Яке аз сабабҳои зиёд шудани ҷиноятҳои умумӣ такмили ба қайдгирӣ ва тартиби сабти онҳо мебошад.

Ҳамасола бештар аз 95% ҳамаи ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда аз рӯи ду моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади фурӯш (моддаи 200 КҶ ҶТ) ва муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201 КҶ ҶТ), ки барояшон ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, сурат мегиранд. Соли 2011 теъдоди парвандаҳои ҷиноятие, ки мутобиқи моддаи 289 КҶ ҶТ (Қочоқ) оғоз карда шудаанд, дар қиёс ба соли 2010 56,5% афзудааст.

В 2011 году в Таджикистане было зарегистрировано 16864 общеуголовных преступлений. Это один из самых высоких показателей преступности за прошедший двадцатилетний период. Увеличение регистрации отмечено по преступлениям против личности, экономическим преступлениям и за незаконный оборот наркотических средств. При этом доля наркопреступлений в 2011 году составила 5,5 %, и по сравнению с 2010 годом изменилась всего на 0,1 %. Одной из причин роста общеуголовных преступлений является усовершенствование их регистрации и порядка учета.

Ежегодно на долю двух статей Уголовного кодекса Республики Таджикистан, предусматривающих уголовное наказание за незаконный оборот наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта (ст.200 УК РТ) и незаконное обращение с наркотическими средствами или психотропными веществами (ст.201 УК РТ), приходится свыше 95% от всех зарегистрированных наркопреступлений. В 2011 г. количество уголовных дел, возбужденных по ст.289 УК РТ (Контрабанда), по сравнению с 2010 г. увеличилось на 56,5%.




Соли 2011 дар муқоиса ба соли 2010 шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда аз рӯи моддаи 200 КҶ ҶТ 18,2% ва аз рӯи моддаи 201 КҶ ҶТ 5,9% зиёд шуд.

Дар ҷумҳурӣ афзоиши миқдори ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар ҳамаи минтақаҳо аз 1,3% дар НТҶ[1] то 38,1% дар ВМКБ[2], ба мушоҳида мерасад, гарчанде ки дар қаламрави ВМКБ ҳар сол теъдоди ками ҷиноятҳои умумӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои мухаддиротӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар вилояти Хатлон соли 2011 сатҳи баланди афзоиши ҷиноятҳо бо моддаи 200 КҶ ҶТ – бештар аз 38% ба қайд гирифта шуд, ҳамчунин афзоиши

1 *НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ*

2 *ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*

В 2011 году в сравнении с 2010 годом количество зарегистрированных преступлений по ст.200 УК РТ увеличилось на 18,2%, по ст.201 УК РТ - на 5,9%.

По республике рост количества наркопреступлений отмечается во всех регионах от 1,3 % в РРП[1] до 38,1 % в ГБАО[2], хотя на территории ГБАО ежегодно регистрируется наименьшее количество общеуголовных преступлений, в том числе и наркопреступлений.

В Хатлонской области в 2011 году зарегистрирован самый большой рост преступлений по ст.200 УК РТ – более 38 %, а также их двукратное

1 *РРП – Районы республиканского подчинения*

2 *ГБАО – Горно-Бадахшанская Автономная область*

дукаратаи онҳо бо моддаи 289 КҶ ҶТ ба мушоҳида расид. Ҳамзамон бо ин нишондиҳандаи афзоиши ҷиноятҳо бо моддаи 201 КҶ ҶТ пасттарин ба шумор рафта, 3,6 %-ро ташкил дод.

увеличение по ст.289 УК РТ, но в то же время, показатель роста по ст.201 УК РТ один из самых низких – 3,6 %.

Таносуби теъдоди ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда дар солҳои 2010-2011 дар минтақаҳо
Соотношение количества, зарегистрированных наркопреступлений в 2010-2011 гг., по регионам




Таносуби ҳиссаи ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда дар соли 2011 дар минтақаҳо
Соотношение долей, зарегистрированных наркопреступлений в 2011 г., по регионам




Соли 2011 дар муқоиса бо соли 2010 шумораи шахсони ҳабсшуда барои содир кардани ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир 8,6% афзуд.

Зиёд шудани шумораи ҳабсшудагон дар вилояти Суғд 31,1%, ВМКБ 20% ва шаҳри Душанбе 5,3% ба мушоҳида расид.

Ҳамзамон бо ин теъдоди шахсони барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ ҳабсшуда дар вилояти Хатлон ва НТҶ мутаносибан 21,7% ва 5% коҳиш ёфт.

В сравнении с 2010 годом в 2011 количество лиц, арестованных за совершение преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, увеличилось на 8,6%.

Увеличение числа арестованных произошло в Согдийской области на 31,1%, ГБАО на 20% и г.Душанбе на 5,3%.

Вместе с тем, число лиц, арестованных за наркопреступления в Хатлонской области и РРП, сократилось на 21,7% и 5% соответственно.

Таносуби теъдоди шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар солҳои 2010-2011 дар минтақаҳо ҳабс шудаанд
Соотношение числа лиц, арестованных за совершение наркопреступлений в 2010-2011 гг., по регионам




Таносуби ҳиссаи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар соли 2011 дар минтақаҳо ҳабс шудаанд
Соотношение долей лиц, арестованных за совершение наркопреступлений в 2011 г., по регионам




Ба мисли солҳои пештара соли 2011 низ шумораи асосии ҷиноятҳои мухаддиротиро шахсоне содир кардаанд, ки ҷои кори доимӣ надоранд (86,3% ва ё 795 нафар).

Соли 2011 барои содир намудани ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир 60 нафар зан ҳабс шуда буданд, ки аз ҳисоби умумии шахсони барои содир кардани ҷиноятҳои мазкур ҳабсшуда 6,5%-

Как и в предыдущие годы, в 2011 г. основное количество наркопреступлений совершено лицами, не имеющими постоянного места работы (86,3% или 795).

За совершение наркопреступлений в 2011 г. было арестовано 60 женщин, что составило 6,5% от общего количества лиц, арестованных за совершение указанных преступлений. Из них 43

ро ташкил медиҳад. Аз онҳо 43 зан (71,7%) аз 30-сола боло ва 17 нафар (28,3%) аз 18 то 30 – сола буданд.

Аз ҳашт нафар ноболиғе, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, чор нафар дар вилояти Суғд, ду нафар дар шаҳри Душанбе ва якнафарӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияи Турсунзода онро содир карданд.

Ҳиссаи шахсони барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ дастгиршуда дар синни аз 30-сола боло чун солҳои гузашта афзалият доранд.

Таносуби теъдоди шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ ҳабсшуда дар солҳои 2010-2011 (аз рӯи синну сол)

Соотношение числа лиц, арестованных за совершение наркопреступлений в 2010-2011 гг., (по возрасту)




## Шахсони барои содир кардани ҷиноятҳои мухаддиротӣ маҳкумшуда

Тӯли солҳои охир теъдоди маҳкумшудагон барои ҷиноятҳои ба моводи мухаддир алоқаманд 12-13% аз ҳисоби умумии шахсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашударо ташкил медиҳад. Соли 2011 истисно набуд. Ҳиссаи маҳкумшудагони барои ҷиноятҳои мазкур 12,9%-ро ташкил дод.

женщины (71,7%) были в возрасте старше 30 лет, 17 (28,3%) – в возрасте от 18 до 30 лет.

Из восьми несовершеннолетних, привлеченных к уголовной ответственности за совершение наркопреступлений, четверо совершили их на территории Согдийской области, двое в г. Душанбе и по одному в Хатлонской области и Турсунзадевском районе.

Доля задержанных лиц за наркопреступления в возрасте старше 30 лет, как и в предыдущие годы, остается доминирующей.

Таносуби ҳиссаи шахсони ҳабсшуда дар соли 2011 (вобаста ба шуғл)

Соотношение долей лиц, арестованных в 2011 г., (по роду занятий)




## Лица, осужденные за совершение наркопреступлений

На протяжении последних лет количество осужденных за преступления, связанные с наркотиками, составляет 12-13 % от общего количества лиц, привлеченных к уголовной ответственности. 2011 год не стал исключением. Доля осужденных за данные преступления составила 12,9 %.



Ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 70% ҷиноятҳои мухаддиротӣ мутобиқи моддаи 200 КҶ ҶТ ба қайд гирифта мешаванд ва аз ҳамин сабаб ба судҳои ҷумҳурӣ бо ҳамин модда шумораи асосии парвандаҳои ҷиноятӣ ирсол мешаванд. Дар соли 2011 ҳиссаи маҳкумшудагон бо моддаи 200 КҶ ҶТ 75,4%-ро (соли 2010 – 72,3%) ташкил дод. Чунин ҳолатро бо маҳкумшудагон бо ин модда дар минтақаҳо низ метавон дид.

Шумораи аз ҳама зиёди ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда ва шахсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда ба шаҳри Душанбе рост меоянд.

Ежегодно в Республике Таджикистан около 70% наркопреступлений регистрируется по ст.200 УК РТ, в связи с чем, в суды республики основное количество уголовных дел поступает именно по этой статье. В 2011 году доля осужденных лиц по ст.200 УК РТ составила 75,4% (2010 г. – 72,3%). Аналогичная ситуация с осужденными по этой статье и в разрезе регионов.

Самое большое количество зарегистрированных наркопреступлений и лиц, привлеченных к уголовной ответственности, приходится на г. Душанбе.

Таносуби шумораи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар солҳои 2010 -2011 маҳкум шудаанд (аз рӯи минтақаҳо)

Соотношение числа лиц, осужденных за совершение наркопреступлений в 2010-2011 гг., (по регионам)




Таносуби ҳиссаи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар соли 2011 маҳкум шудаанд (аз рӯи минтақаҳо)

Соотношение долей лиц, осужденных за совершение наркопреступлений в 2011 г., (по регионам)




Соли 2011 аз ҷумлаи шахсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда ҳиссаи афроде, ки дар ҷое кор ва ё таҳсил намекунанд, 63,1% -ро ташкил дод.

Амалан аз чор як ҳиссаи маҳкумшудагон, яъне 24% пеш аз ин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда буданд. Аз ин шумора бештар аз се ҳисса ё 35,2% барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ маҳкум шуда буданд.

Шумораи умумии шахсони бо ташхиси "нашъамандӣ" барои муомилоти ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда 15,9%-ро (157 нафар) ташкил доданд, ки ин дар муқоиса ба соли 2010 2,9% (124 нафар) зиёд аст.

Соли 2011 барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ 41 нафар зан маҳкум шуданд, ки ин 4,2% аз шумораи умумии маҳкумшудагонро барои ин навъи ҷиноят ташкил медиҳад.

В 2011 г. из числа лиц, привлеченных к уголовной ответственности, доля неработающих и нигде не учащихся составила 63,1%.

Практически, четверть осужденных – 24% ранее привлекалась к уголовной ответственности, а из их числа более трети–35,2 % привлекалась за совершение наркопреступлений.

Общее количество лиц, привлеченных к уголовной ответственности за незаконный оборот наркотиков с установленным диагнозом «наркомания» в 2011 году составило 15,9% (157), что на 2,9% больше 2010 года (124).

В 2011 г. за наркопреступления была осуждена 41 женщина, что составило 4,2% от всего количества осужденных за этот вид преступлений.

## Мусодираи воситаҳои нашъадор

Тоҷикистон чун Туркманистон ва Ӯзбекистон яке аз кишварҳое мебошад, ки дар "Хатсайри Шимол"-и интиқоли мухаддироти истеҳсоли Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Россия ва Аврупо ҷойгир шудааст. Ҳамаи воситаҳои

## Изъятия наркотических средств

Таджикистан наряду с Туркменистаном и Узбекистаном является одной из стран, расположенных на так называемом «Северном маршруте» транзита наркотиков, производимых в Афганистане, в страны Центральной Азии, Россию и

нашъадори мансуб ба гурӯҳи бангдона ва афюн, ки дар қаламрави Тоҷикистон мусодира карда мешаванд, бо роҳи қочоқ аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ворид мешаванд ва интиқоли бошиддати он аз соли 1993 мушоҳида мегардад.

Соли 2011 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муомилоти ғайриқонунӣ 4237,798 кг воситаҳои нашъадор мусодира намуданд, ки назар ба соли 2010 8,6% зиёд мебошад.

Европу. Все наркотические средства опийной и каннабисной групп, изымаемые на территории Таджикистана, поступают контрабандным путем из Исламской Республики Афганистан, интенсивный транзит которых наблюдается с 1993 года.

В 2011 году правоохранительными органами и силовыми структурами Республики Таджикистан из незаконного оборота изъято 4237,798 кг наркотических средств, что на 8,6% больше 2010 года.




Тамоили дар солҳои охир идомадоштаи афзоиши мусодираи мухаддироти мансуб ба гурӯҳи бангдона, пеш аз ҳама ҳашиш, дар соли 2011 низ ба мушоҳида расид ва он 76,2%-ро ташкил дод, ки 20,5% бештар аз соли 2010 мебошад, лекин мусодираи маводи мухаддири гурӯҳи афюнӣ то 23,8% коҳиш ёфт.

Продолжавшаяся в последние годы тенденция увеличения изъятий наркотиков каннабисной группы, в первую очередь гашиша, наблюдалась и в 2011 году, составив 76,2%, что на 20,5% больше, чем в 2010 году, а доля изъятых наркотиков опийной группы сократилась до 23,8%.




Чунин тағйироти назарраси таносуби мухаддироти мусодирашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он маънoст, ки зарфи солҳои охир майдони кишти каннабис дар Афғонистон рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Чунончӣ, агар дар соли 2009 дар қаламрави 17 вилоят каннабис кишт шуда бошад, пас дар соли 2010 теъдоди ин вилоятҳо то 19 адад

Такое значительное изменение соотношений изъятых наркотиков в Республике Таджикистан объясняется тем, что на протяжении последних лет в Афганистане увеличивались площади с посевами каннабиса. Так, если в 2009 году было 17 провинций, на территории которых культивировался каннабис, то в 2010 году их количество возросло

афзоиш ёфт. Кишт ва парвариши каннабис дар муқоиса ба кӯкнор меҳнати зиёд талаб намекунад ва коркарди минбаъдаи он низ ба прекурсорҳо эҳтиёҷ надорад. Ҳосили ҷамъоваришуда даромади баланд медиҳад ва аз нуқтаи назари фоиданокӣ каннабис барои истеҳсолкунандагон дар дохили мамлакат бо кӯкнор рақобатпазир шудааст. Омили дигари афзоиши кишти бангдона он аст, ки вай хатари камтари нобудсозӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорад.

Моҳи июни соли 2011 Раёсати СММ оид ба мухаддирот ва ҷиноятҳои аз рӯи ҷамъбасти таҳқиқоти соли 2010 гузаронида Шарҳ оид ба бангдона дар Афғонистонро интишор дод. Дар он гуфта мешавад, ки Афғонистон дар истеҳсоли бангдона дар ҷаҳон пешсаф мебошад.

Ба коҳиши истеҳсоли афюн дар соли 2010 ҳамчунин зарари ба киштзори кӯкнор расонидаи занбӯрӯғ таъсири муайян расонид, ки ин ба ҳаҷми истеҳсоли героин бетаъсир намонд.

Соли 2011 истеҳсоли афюн дар Афғонистон 61% афзуд ва чун паёмад дар семоҳаи чоруми ҳамин сол мусодираи мухаддироти афюнӣ дар Тоҷикистон зиёд шуд.

до 19. Культивирование и переработка каннабиса, в сравнении с опийным маком, не требуют больших трудовых затрат и дальнейшей особой переработки с применением прекурсоров. Собранный урожай дает высокую прибыль, и с точки зрения доходности для производителей каннабис стал конкурировать внутри страны с опийным маком. Дополнительным фактором для увеличения посевов каннабиса является меньший риск их уничтожения правоохранительными органами.

В июне 2011 года УНП ООН опубликовало Обзор по каннабису в Афганистане по итогам проведенного исследования в 2010 году, в котором констатируется, что Афганистан стал мировым лидером и в производстве каннабиса.

Определенное влияние на сокращение производства опия в 2010 году оказало поражение грибком посевов опийного мака, что отразилось на объемах производства героина.

В 2011 году производство опия в Афганистане увеличилось на 61% и, как следствие, увеличилось изъятие опиатов в Таджикистане в четвертом квартале 2011 года.




Вазъи ба амал омада дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пешбинӣ менамояд, ки соли 2012 мухаддироти асосии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар минтақа мусодирамешуда ҳашиш боқӣ хоҳад монд. Ҳамчунин афзоиши мусодираи афюне, ки аз вилояти Бадахшон интиқол мегардад, пешбинӣ мешавад.

Соли 2011 аз ҳаҷми умумии маводи мухаддири мусодирашуда дар кишвар героин бештар дар қаламрави шаҳри Душанбе, афюн дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва ҳашиш дар вилояти Хатлон мусодира гардид.

Складывающаяся ситуация в Исламской Республике Афганистан даёт основания предполагать, что основным изымаемым наркотиком в 2012 году в Республике Таджикистан и в целом в регионе, останется гашиш. Также, прогнозируется увеличение изъятия опиатов, поступающих из провинции Бадахшан.

В 2011 году от общего объема изъятых наркотиков по стране наибольшее количество героина изъято в г.Душанбе, опия – в районах республиканского подчинения, гашиша – в Хатлонской области.

Бештар аз 53% воситаҳои нашъадор дар ҷумҳурӣ дар қаламрави вилояти Хатлон мусодира шуд, ки 87,5%-онро мухаддироти мансуб ба бангдона ташкил медиҳад.

Свыше 53% наркотических средств в республике было изъято на территории Хатлонской области, из которых 87,5% составляют наркотики каннабисной группы.




Соли 2011 дар муқоиса ба соли 2010 дар вилояти Хатлон маводи мухаддири мусодирашуда 49,2% афзуд. Дар қаламрави 7 шаҳр ва ноҳияҳо зиёда аз 100 кило воситаҳои нашъадор мусодира карда шуд.

По сравнению с 2010 г. в Хатлонской области объем изъятых наркотиков в 2011 году возрос на 49,2%. На территории 7 городов и районов изымалось свыше 100 кг наркотических средств.







Ҳамзамон бо ин дар қаламрави чор ноҳияи ҳаммарз бо Афғонистон – Ҳамадонӣ, Шӯрообод, Фархор ва Панҷ, ки аз тариқи онҳо хатсайри асосии қочоқи маводи мухаддир мегузарад, 73,7% аз миқдори умумии мухаддироти дар вилоят гирифташуда мусодира гардидааст.

В то же время на территории четырех приграничных с Афганистаном районов–Хамадони, Шуроабадский, Фархорский и Пянджский, через которые проходят основные маршруты контрабанды наркотиков, было изъято 73,7% наркотиков от общего количества по области.

Мусодираи мухаддироти афюнӣ ва гурӯҳи бангдона дар ноҳияҳои наздимарзии вилояти Хатлон

Изъятие наркотиков опийной и каннабисной групп в приграничных районах Хатлонской области



Дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мусодираи мухаддирот се баробар афзудааст. Чунончӣ, соли 2011 дар қаламрави наздимарзии ноҳияи Шуғнон танҳо кормандони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни ду амалиёт ба миқдори ниҳоят калони маводи мухаддир дар ҳаҷми 4,727 кг героин, 133,158 кг ҳашиш ва 80,800 кг бангдона мусодира намуданд.

В Горно-Бадахшанской Автономной области в три раза увеличилось количество изъятых наркотиков. Так, в 2011 году на приграничной территории Шугнанского района только сотрудниками Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан в ходе двух операций были изъяты крупные партии наркотиков в количестве 4,727 кг героина, 133,158 кг гашиша и 80,800 кг каннабиса.







Дар ш. Душанбе ҳаҷми умумии мухаддироти мусодирашуда амалан тағйир наёфт ва ҳамагӣ 1,4% афзуд. Ин дар ҳолест, ки дар муқоиса бо соли 2010 мусодираи мухаддироти афюнӣ 19,3% коҳиш ёфта, маводи мухаддири мансуб ба гурӯҳи бангдона 21% афзуда буд.

В г. Душанбе общий объем изъятий наркотиков практически не претерпел изменений и увеличился всего на 1,4%. При этом, в сравнении с 2010 г., изъятия наркотиков опийной группы сократились на 19,3%, а наркотиков каннабисной группы возросли на 21%.







Дар соли 2011 ба монанди ВМКБ дар НТҶ низ аз ҳисоби ҳолатҳои мусодираи воситаҳои нашъадор ба миқдори калон ҳаҷми мусодираи мухаддирот 70,6% афзуд. Моҳи октябри соли 2011 кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар ноҳияи Турсунзода, ки бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳаммарз мебошад, 233,250 кг афюн мусодира намуданд. Дар маҷмӯъ дар қаламрави ин ноҳия бештар аз 272 кг маводи мухаддир мусодира гардид, ки ин 73,4% аз шумораи умумии мухаддироти мусодирашударо дар НТҶ ташкил медиҳад.

В 2011 году, также как и в ГБАО, за счет фактов крупных изъятий наркотических средств количество изъятых наркотиков на территории РРП увеличилось на 70,6%. В октябре 2011 г. сотрудниками Государственного комитета национальной безопасности в Турсунзадевском районе, который граничит с Республикой Узбекистан, изъято 233,250 кг опия. В общей сложности на территории данного района изъято свыше 272 кг наркотиков, что составляет 73,4% от всех наркотиков, изъятых по РРП.







Дар вилояти Суғд соли 2011 ҳаҷми мусодираи ҳамаи навъҳои мухаддирот 52,3% кам шуд. Маводи нашъадор асосан дар қаламрави шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск, Қайроқум, Истаравшан ва ноҳияҳои Б.Ғафуров, Панҷакент, Исфара ва Спитамен мусодира гардид.

В Согдийской области в 2011 году объем изъятия всех видов наркотиков уменьшился на 52,3%, которые изымались, в основном, на территории городов Худжанда, Чкаловска, Кайраккума, Истаравшана и Б.Гафуровского, Пенджикентского, Исфаринского и Спитаменского районов.







Соли 2011 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 нафар шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ дастгир шуданд. Дар байни хориҷиён 32 нафар шаҳрвандони Афғонистон, 7 – Қирғизистон, 6 – Россия, 4 – Ӯзбекистон ва 1 шаҳрванди Хитой дастгир шуда буданд, ки дар маҷмӯъ аз онҳо 979,897 кг воситаҳои нашъадор мусодира карда шуд. Аз ин миқдор 65% аз шаҳрвандони ҶИА мусодира гардид.

В 2011 г. на территории Республики Таджикистан было задержано 50 граждан зарубежных государств. Среди иностранцев были задержаны 32 гражданина Афганистана, 7 – Кыргызстана, 6 – России, 4 – Узбекистана и 1 гражданин Китая, у которых в общей сложности изъято 979,897 кг наркотических средств. Из этого объема 65% конфисковано у граждан ИРА.




## Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар хориҷи кишвар дастгир шудаанд

То 10 январи соли 2012 барои содир намудани ҷиноятҳои ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор алоқаманд соли 2011 дар хориҷ аз

## Граждане Республики Таджикистан, задержанные за наркопреступления за рубежом

По состоянию на 10 января 2012 года за совершение преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, в 2011 году за пределами

кишвар 446 нафар шаҳрванди Тоҷикистон дастгир шуданд, ки аз онҳо дар маҷмӯъ 502 кг маводи нашъадор мусодира гардид. Аз ин миқдор 338 кг героин, 23 кг афюн ва 140 кг мухаддироти мансуб ба гурӯҳи бангдона буд. Бештар аз 95% аз шумораи шаҳрвандони ҶТ, ки дар хориҷи кишвар дастгир шудаанд, ба Федератсияи Россия рост меоянд.

Тибқи маълумоте, ки Хадамоти Федералии Федератсияи Россия оид ба назорати муомилоти маводи нашъаовар пешниҳод кардааст, 32% ҷиноятҳои мухаддиротие, ки шаҳрвандони хориҷӣ содир кардаанд, аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон содир шудааст, баъдан шаҳрвандони Украина, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва дигарон мебошанд.

Соли 2011 мутобиқи маълумоти ба АНМН воридшуда, барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар Федератсияи Россия 424 нафар шаҳрвандони ҶТ дастгир гардиданд, ки ин 29% (597) камтар дар муқоиса бо соли 2010 мебошад.

страны задержано 446 граждан Таджикистана, у которых в общей сложности изъято 502 кг наркотиков, из них 338 кг героина, 23 опия и 140 кг наркотиков каннабисной группы. Свыше 95% из числа граждан РТ, задержанных за пределами страны, приходится на Российскую Федерацию.

По данным, представленным Федеральной службой Российской Федерации по контролю за оборотом наркотиков, среди граждан зарубежных государств, совершающих наркопреступления в стране, на долю таджикских граждан приходится 32 %, следом идут граждане Украины, Узбекистана, Азербайджана и др.

В 2011 году по представленным в АКН данным, за совершение наркопреступлений в Российской Федерации было задержано 424 гражданина РТ, что по сравнению с 2010 годом меньше на 29% (597).

**Теъдоди шаҳрвандони ҶТ, ки дар ФР барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар солҳои 2010-2011 дастгир шуданд**

Количество граждан РТ, задержанных в РФ за наркопреступления в 2010-2011гг.




**Миқдори воситаҳои нашъаовари мусодирашуда аз шаҳрвандони ҶТ, ки дар ФР солҳои 2010-2011 дастгир шудаанд (кг)**

Количество наркотических средств, изъятых у граждан РТ, задержанных в РФ в 2010-2011гг. (кг)




Мувофиқи маълумоте, ки ба АНМН пешниҳод шудааст, дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Федератсияи Россия, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир мубориза мебаранд, зиёда аз нисфи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ҷиноятҳои мухаддиротӣ содир кардаанд, аз ҷониби ҷузъу томҳои ВКД – 52%, ХФНММ ФР-40% ва ХФГ – 8% дастгир шудаанд.

Ҷун дар солҳои пеш шаҳрвандони Тоҷикистон барои ширкат дар муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бештар дар қаламрави шаҳри Москва ва вилояти Москва дастгир шудаанд. Ба ин ду минтақа 63,4% шаҳрвандони дастгиршудаи Тоҷикистон рост меоянд, ки 7,5% барои қочоқи маводи нашъадор дар фурудгоҳҳои Москва даст-

Согласно данным, представленным в АКН, среди правоохранительных органов Российской Федерации, осуществляющих борьбу с незаконным оборотом наркотиков, более половины граждан РТ, совершивших наркопреступления, было задержано подразделениями МВД – 52%, ФСКН РФ – 40% и ФТС – 8%.

Как и в предыдущие годы, граждане Таджикистана задерживаются за незаконный оборот наркотических средств в Российской Федерации преимущественно на территории г.Москвы и Московской области. На эти два региона приходится 63,4 % задержанных граждан РТ, включая 7,5% задержанных за контрабанду наркотиков в московских аэропортах. В остальных регионах РФ

гир шудаанд. Дар минтақаҳои боқимондаи ФР шумораи дастгиршудаи шаҳрвандони Тоҷикистон аз 10% боло нест.

Ба ҷумлаи минтақаҳои Россия, ки аз 8 то 31 шахсон дастгир шудаанд, вилояти Оренбург – 1,9 %, Свердлов – 3,3%, Ленинград ва ш. Санкт-Петербург – 3,5%, Новосибирск – 3,8%, Челябинск – 5% кишвари Перм – 7,3% дохил мешаванд.

количество задержанных таджикских граждан не превышает 10%.

В число регионов России, где задержано от 8 до 31 лица, входят Оренбургская область – 1,9 %, Свердловская область – 3,3%, Ленинградская область и г. Санкт-Петербург – 3,5%, Новосибирская область – 3,8%, Челябинская область – 5% и Пермский край – 7,3%.

**Минтақаҳои ФР, ки соли 2011 шаҳрвандони ҶТ дастгир шуда буданд**

Регионы РФ, в которых задержаны граждане РТ в 2011 г.




Дар 25 минтақаи боқимондаи ФР фоизи шаҳрвандони дастгиршудаи Тоҷикистон бештар аз як нест, аммо дар сурати ба ҳам овардани фоизҳо ин нишондод 11,6% (49 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Соли 2011 шумораи бештари шаҳрвандон, ки дар хориҷи кишвар дастгир шудаанд, сокинони ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ мебошанд, аммо ҳиссаи калони мухаддироти мусодирашуда ба сокинони вилояти Суғд рост меояд.

В остальных 25 регионах РФ процент от общего количества задержанных таджикских граждан не превышает единицы, однако при суммировании процентов показатель равен 11,6% (49 лиц).

В 2011 году наибольшее количество лиц, задержанных за пределами республики, являются жителями районов республиканского подчинения, однако большая доля количества изъятых наркотиков приходится на жителей Согдийской области.







Чун дар соли 2010 дар соли 2011 низ аз нисф зиёди шаҳрвандони ҶТ, ки дар Россия барои ҷиноятҳои мухаддиротӣ дастгир шудаанд, шахсоне мебошанд, ки синну солашон аз 16 то 30 аст, вале дар қиёс ба соли 2010 қисми асосии воситаҳои нашъадор аз афроди аз 16 то 30 сола

Как и в 2010 году, в 2011 более половины граждан РТ, задержанных за наркопреступления в России, составляют лица в возрасте от 16 до 30 лет, но в отличие от 2010 года, когда основное количество наркотических средств было изъято у лиц в возрасте от 16 до 30 лет, в 2011 году боль-

мусодира шуда буд, соли 2011 бештари маводи мухаддир аз шахсони аз 30 то 50-сола мусодира шудааст.

шая часть наркотиков изъята у граждан в возрасте от 30 до 50 лет.







Соли 2011 барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ шаҳрвандони ҶТ инчунин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дастгир шуданд.

В 2011 году за совершение наркопреступлений граждане РТ также задерживались и в странах Центральной Азии – Казахстане, Кыргызстане и Узбекистане.




| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ӯзбекистон / Узбекистан | 50 | 30 | 50 | 26 | 38 | 34 | 11 |
| Қирғизистон / Кыргызстан | 18 | 13 | 8 | 18 | 10 | 1 | 8 |
| Қазоқистон / Казахстан | 18 | 7 | 10 | 8 | 23 | 11 | 2 |

Шаҳрвандони ҶТ барои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчунин дар Ҷумҳурии Халқии Хитой низ дастгир мешаванд. Чунончӣ, аз соли 2006 то соли 2011 дар ҶХХ 14 нафар шаҳрвандони ҶТ, ки кӯшиш карда буданд 18,127 кг героинро бо усули қочоқ интиқол диҳанд, дастгир шуданд.

Таҳлили шумораи ҷиноятҳои мухаддиротии ба қайд гирифташуда дар минтақа зарфи солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун пештара яке аз кишварҳое боқӣ мемонад, ки ҷиноятҳои мухаддиротӣ камтар содир мешаванд. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки ба ҳар як парвандаи ҷиноятии дар соли 2011 оғозкардашуда 4,6 кг воситаҳои нашъадор рост меояд.

Сатҳи ҷиноятҳои мухаддиротӣ ба 100 000 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз пасттарин боқӣ монда, 12 ҷиноятро ташкил медиҳад.

Граждане РТ за незаконный оборот наркотиков также задерживаются и в Китайской Народной Республике. Так, с 2006 года по 2011 год в КНР было задержано 14 граждан РТ, пытавшихся контрабандным способом ввезти 18,127 кг героина.

Анализ количества зарегистрированных наркопреступлений в регионе за последние годы свидетельствует о том, что Республика Таджикистан, по-прежнему, остается одной из стран с наименьшим количеством совершаемых наркопреступлений. Также необходимо отметить, что на одно возбужденное уголовное дело в 2011 году в среднем приходится 4,6 кг наркотических средств.

Уровень наркопреступности на 100000 населения в Республике Таджикистан остается одним из самых низких, составляя 12 преступлений.

Шумораи ҷиноятҳои ба қайдгирифташудаи мухаддиротӣ дар баъзе кишварҳои ИДМ дар соли 2011

Количество наркопреступлений, зарегистрированных в некоторых странах СНГ в 2011 году




Ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар баъзе кишварҳои ИДМ дар соли 2011 (ба 100 000 нафар аҳолӣ)

Наркопреступность в некоторых странах СНГ в 2011 году (на 100 000 населения)




Шумораи шахсоне, ки бо ташхиси «нашъамандӣ» дар қайди диспансерӣ дар Озарбойҷон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2011 қарор доранд

Количество лиц, состоящих на диспансерном учете с диагнозом «наркомания» в Азербайджане и странах Центральной Азии в 2011 году



Солҳои охир дар ҶТ, ҳамчунин тамоюли коҳиши теъдоди шахсоне ба мушоҳида мерасанд, ки бо ташхиси «нашъамандӣ» дар қайди диспансерӣ қарор доранд.

В последние годы в РТ также наблюдается тенденция снижения количества лиц, состоящих на диспансерном учете с диагнозом «наркомания».

Сатҳи гирифторӣ ба нашъамандӣ дар Озарбойҷон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2011 (ба 100 000 нафар аҳолӣ)

Уровень болезненности наркоманией в Азербайджане и странах Центральной Азии в 2011 году (на 100 000 населения)



# КИШТИ КӮКНОР ВА ИСТЕҲСОЛИ АФЮН ДАР АФҒОНИСТОН

## КУЛЬТИВИРОВАНИЕ ОПИЙНОГО МАКА И ПРОИЗВОДСТВО ОПИЯ В АФГАНИСТАНЕ

2

Кишти кўкнор ва истеҳсоли афюн дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар соли 2011 ин гуна тамоюлҳо дошт:[1]

- то 131000 гектар афзудани майдони кишти кўкнор;
- аз 20 ба 17 коҳиш ёфтани теъдоди вилоятҳое, ки мақоми озод аз кишти кўкнор доранд;
- 95% заминҳои қобили кишти кўкнор дар минтақаҳои ҷануб ва ғарби ин кишвар ҷойгир шудаанд;
- 55% афзоиш ёфтани майдонҳои кишти кўкнор дар вилояти Бадахшон;
- дар муқоиса ба соли 2010 61% афзудани истеҳсоли афюн;
- афзудани ҳосилнокии афюн аз 1 гектар то 44,5 кг (+52 %);
- 43% афзудани 1 кг арзиши афюни хушк (241 дол.ИМА);
- дар муқоиса ба соли 2010 аз истеҳсоли афюн 133% афзудани фоидаи фермерҳо.

Ситуация с культивированием опийного мака и производством опия в Исламской Респуб-лике Афганистан в 2011 году имела следующие тенденции:[1]

- увеличение площадей посевов опийного мака до 131000 га;
- сокращение количества провинций, имевших статус свободных от посевов опийного мака с 20 до 17;
- 95% культивируемых площадей расположены в южном и западном регионах страны;
- увеличение на 55% площадей с посевами опийного мака в провинции Бадахшан;
- увеличение производства опиума на 61% по сравнению с 2010 годом;
- повышение урожайности опиума с 1 га до 44,5 кг (+52 %);
- увеличение стоимости сухого опиума на 43% за 1 кг (241 дол.США);
- увеличение доходов фермеров от производства опия на 133% по сравнению с 2010 годом.

Кишти кўкнор (дар га)

Культивирование опийного мака (в га)




Соли 2011 майдони умумии заминҳое, ки кўкнор кишт шуданд, 131000 гектарро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба соли 2010 7% зиёд буд. 95 %-и ин заминҳо дар минтақаҳои ҷануб ва ғарби Афғонистон, ки вазъ бесубот ва пурхатар аст, ҷойгир шудаанд.

Дар шарҳи пештара оид ба афюн дар Афғонистон, ки Раёсати СММ оид ба муҳаддирот ва ҷинояткорӣ аввали соли 2011 интишор дода буд, пешбинӣ мешуд, ки дар шароити роҳандозии нокифояи корҳои нобудсозии майдонҳои кишти кўкнор, вилоятҳои Бағлон ва Фарёб метавонанд мақоми озод аз киштро аз даст диҳанд. Ҳамчунин интизор мерафт, ки кишти кўкнор дар як қатор вилоятҳои дигари Афғонистон афзоиш ёбад.

*1 Ҳисоботи таҳлилии Раёсати СММ оид ба муҳаддирот ва ҷинояткорӣ истифода шудаанд*

В 2011 году общая площадь земель, занятых под культивирование опийного мака, составила 131000 га, увеличившись на 7 % по сравнению с 2010 годом. 95 % этих земель расположены в южном и западном регионах Афганистана, где ситуация нестабильна и небезопасна.

В предыдущем обзоре по опию в Афганистане, опубликованном УНП ООН в начале 2011 года, прогнозировалось, что при условии недостаточного проведения работ по уничтожению посевов опийного мака, провинции Баглан и Фарьяб могут потерять свой статус свободных от посевов. Также, ожидалось увеличение посевов опийного мака и в ряде других провинций Афганистана.

*1 Использованы аналитические отчеты УНП ООН*




Дар маҷмӯъ пешбинии мутахассисони Раёсати СММ оид ба мухаддирот ва ҷинояткорӣ тасдиқ шуд. Соли 2011 аз 34 вилояти ин кишвар 17 вилоят аз кишти кӯкнор озод буданд. Дар вилоятҳои Бағлон, Фарёб ва Кописо аз нав кишти кӯкнор ба қайд гирифта шуд.

В целом прогнозы специалистов УНП ООН подтвердились. В 2011 г. из 34 провинций 17 были свободны от посевов опийного мака. В провинциях Баглан, Фарьяб и Каписа вновь были зафиксированы их посевы.

### Майдони кишти кӯкнор дар минтақаҳои Афғонистон
### Площадь культивирования опийного мака в регионах Афганистана

| Минтақа<br>Регион | майдон (га)<br>площадь (га) | | афзоиш/<br>коҳиш %<br>рост/снижение % | % аз қаламрави умумӣ дар соли 2010<br>% от общей территории в 2010 г. | % қаламрави умумӣ дар соли 2011<br>% от общей территории в 2011 г. |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | | | |
| ҷанубӣ / южный | 100247 | 102405 | +2% | 82% | 78,2% |
| ғарбӣ / западный | 19909 | 22438 | +12% | 16% | 17,1% |
| шарқӣ / восточный | 1107 | 4082 | +269% | 0,9% | 3,1% |
| шимолу-шарқӣ / северо-восточный | 1100 | 1705 | +55% | 0,9% | 1,3% |
| марказӣ / центральный | 152 | 220 | +45% | 0,1% | 0,2% |
| шимолӣ / северный | - | 305 | - | - | 0,2% |
| ҳамагӣ / всего | 123000 | 131000 | 7% | 100% | 100% |

Тағйиротҳои амалӣ дар минтақаҳои ҷанубу ғарбӣ ба вуҷуд омад. Кишти кӯкнор дар вилоятҳои Бодғис 33%, Дай Кундӣ 35%, Зобул 46% коҳиш ёфт, ҳамзамон бо ин афзоиши кишт дар вилоятҳои Фароҳ 20%, Қандаҳор 5%, Нимрӯз 22% ва Урузгон 45% ба мушоҳида расид. Новобаста ба он, ки

Наиболее существенные перемены произошли в южном и западном регионах, где культивирование опийного мака сократилось в провинциях Бадгис на 33%, Дай Кунди на 35%, Забул на 46%, в то же время отмечен рост посевов в провинциях Фарах на 20%, Кандагар на 5%, Нимруз на 22% и

кишти кӯкнор дар вилояти Ҳилманд 3% коҳиш ёфт, вале он чун пештара вилояти асосии тавлидкунандаи афюн (63307 гектар ё худ 48% аз ҳисоби умумии майдони кишт) дар Афғонистон боқӣ мемонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вилоятҳои Балх, Кундуз, Тахор ва Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст, ки дар қаламрави сетои он кишти кӯкнор ба қайд гирифта нашуд. Вилояти Кундуз аз соли 2007, Тахор аз соли 2008 ва Балх аз соли 2007 озод аз кишти кӯкнор мебошанд. Вилояти Бадахшон ягона вилоят дар ин минтақа аст, ки соли 2011 дар қиёс ба соли 2010 кишти кӯкнор 55% афзуда, майдони он 1705 гектарро ташкил дод, ки ин 1,3% заминҳои кишти кӯкнор дар Афғонистон мебошад. Музофотҳои Аргу ва Дароими вилояти Бадахшон марказҳои аслии кишти кӯкнор ба шумор меравand.

Урузган на 45%. Несмотря на небольшое сокращение посевов опийного мака в провинции Гельманд на 3%, она, по-прежнему, продолжает оставаться основным производителем опия в Афганистане (63307 га или 48% от общего количества посевов).

Республика Таджикистан граничит с провинциями Балх, Кундуз, Тахор и Бадахшан Исламской Республики Афганистан, на территории трех из которых не зафиксированы посевы опийного мака. Провинция Кундуз свободна от посевов с 2007 года, Тахор – с 2008 года, Балх – с 2007 г. Провинция Бадахшан остается единственной с посевами опийного мака, площади которых в 2011 году по сравнению с 2010 годом, увеличились на 55 % и достигли 1705 га, составив 1,3% от всех посевов опийного мака по Афганистану. Основными центрами выращивания опийного мака в провинции Бадахшан являются уезды Аргу и Дараим.

Кишти кӯкнор дар вилояти Бадахшон (ба ҳисоби га)

Культивирование опийного мака в провинции Бадахшан (в га)




Аз он ки аз соли 2006 ба инҷониб дар вилояти Бадахшон кӯкнор бештар дар заминҳои лалмӣ кошта мешавад, хушксолии соли 2008 сабаби асосии коҳиши он шуда буд. Ба таври кофӣ нагузаронидани чорабиниҳои дахлдор барои пешгирӣ аз кишти кӯкнор дар давраи баҳорӣ ба он оварда расонид, ки майдонҳои кишт ҳамасола афзуданд. Тадриҷан аз соли 2007 то 2010 теъдоди нобудкардашудаи кишти кӯкнор аз 1311 гектар то 302 гектар коҳиш ёфт. Соли 2011 аз ҷониби воҳидҳои давлатӣ дар қаламрави ин вилоят ҳамагӣ 367 гектар майдони кишти кӯкнор нобуд карда шуд.

Сабаби дигари афзоиши кишти кӯкнор дар вилояти Бадахшон боло рафтани арзиши афюни хушк мебошад. Аз моҳи сентябри соли 2007 то сентябри соли 2011 нархи миёнаи 1 кг ин навъи афюн аз 57 доллари ИМА то 208 боло рафт.

Поскольку с 2006 г. в провинции Бадахшан опийный мак преимущественно культивируется на богарных участках земли, засушливая погода 2008 года стала основной причиной его сильного сокращения. Недостаточное проведение соответствующих мероприятий по предотвращению культивирования опийного мака в весенний период привело к тому, что количество площадей ежегодно увеличивалось. Постепенно с 2007 по 2010 гг. количество уничтоженных опийных посевов сократилось с 1311 до 302 га. В 2011 году правительственными подразделениями на территории провинции было уничтожено всего 367 га.

Другой причиной роста посевов опийного мака в провинции Бадахшан являлась растущая цена на сухой опиум. С сентября 2007 г. по сентябрь 2011 г. средняя цена за 1 кг данного вида опия выросла с 57 долларов США до 208.

Арзиши афюни хушки савдогарони вилояти Бадахшон дар солҳои 2007-2011 (1 кг/дол. ИМА)

Цена на сухой опий в провинции Бадахшан у торговцев в 2007-2011г.г. (1кг/дол. США)




Таҳқиқоте, ки мутахассисони Раёсати СММ оид ба мухаддирот ва ҷинояткорӣ солҳои 2009-2010 дар Афғонистон гузарониданд, алоқамандӣ байни кишти кӯкнор ва бангдонаро нишон дод. Соли 2010 қариб аз се ду ҳиссаи (61%) хоҷагиҳои деҳқоние, ки бангдона парвариш мекарданд, хабар доданд, ки кӯкнор низ кишт карда буданд.

Аз таҳқиқоте, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузаронида шуд, он нукта ошкор гардид, ки агар фермерҳо кӯкнор кишт кунанд, пас онҳо эҳтимол доранд каннабис низ парвариш намоянд. Чунончӣ, аз 350 деҳае, ки кӯкнор кишта буданд, 177 (50,6%) каннабис парвариш мекунанд; аз 1139 деҳае, ки афюн накошта буданд, ҳамагӣ дар 62 деҳа ва ё 5,4% кишти каннабис ба қайд гирифта шуд.

Соли 2011 дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳоли ба даст омадани ҳосилнокии 44,5 кг аз ҳар гектар 5800 тонна афюн истеҳсол карда шуд, ки ин 61% бештар аз соли 2010 мебошад. Натиҷаҳои аввалия нишон доданд, ки дар соли 2011 дар Афғонистон 82% афюни олам тавлид шудааст.

Фарқияти ҷамъоварии афюн аз ҳар гектар дар солҳои 2009-2010 бетағйир монд. Соли 2009 соли "ҳосилнокии баланд" (56,1 кг аз ҳар гектар) буд, гарчанде, ки дар соли 2010 вилоятҳои асосие, ки кӯкнор кишт мекарданд, заминҳои кишташон гирифтори беморӣ шуд ва ба коҳиши зиёди ҳосилнокӣ (29,2 кг аз ҳар гектар) оварда расонид.

Вобаста ба ҳолати замин, шароити боду ҳаво, талабот ба обёрӣ ва доруҳо, устувориву тобоварӣ ба бемориҳо, давраи пухта расидан ва масраф барои нигоҳубин, фермерҳо кӯшиш мекунанд навъи муайяни кӯкнорро барои кишт интихоб намоянд. Дар солҳои 2010-2011 аз 18 навъи истифодашудаи кӯкнор намуди маълуми он «Watani Soorgulai» буд. Дар ин бора 18% аз шумори умумии деҳқонони пурсидашуда хабар доданд.

Проведенные исследования специалистами УНП ООН в Афганистане в 2009-2010 гг. показали взаимосвязь между культивированием опийного мака и каннабиса. В 2010 г. почти две трети дехканских хозяйств, выращивающих каннабис (61%), также сообщили, что культивировали опийный мак.

Из проведенных на территории ИРА исследований выявлено, что если фермеры культивируют опийный мак, то они, вероятнее всего, будут выращивать и каннабис. Так, из 350 кишлаков, культивирующих опийный мак, 177 (50,6%) выращивают каннабис; из 1139 кишлаков, где не культивировался опийный мак, лишь в 62 кишлаках или 5,4% зафиксировано культивирование каннабиса.

В 2011 году на территории Исламской Республики Афганистан при среднем урожае с гектара 44,5 кг было произведено 5800 тонн опия, что на 61% больше 2010 года. Предварительные результаты показали, что в 2011 г. в Афганистане произведено 82 % опия от общемирового уровня.

| Мардон / Мужчины | 6479 | 95,9 | 6945 | 95,5 | 7314 | 94,6 | 7427 | 94,7 | 8308 | 95,1 | 8219 | 95,0 | 7642 | 95,3 | 7093 | 95,8 | 6879 | 96,6 |
| Занон / Женщины | 280 | 4,1 | 330 | 4,5 | 418 | 5,4 | 414 | 5,3 | 436 | 4,9 | 426 | 5,0 | 376 | 4,6 | 305 | 4,1 | 238 | 3,4 |
| То 14 - сола / До 14 лет | - | 0 | - | 0 | - | 0 | - | 0 | - | 0 | 0 | - | 0 | - | 0 | - | 0 | - |
| 15 – 17 - сола / 15 – 17 лет | 3 | 0,45 | 4 | 0,5 | 8 | 0,4 | 2 | 0,02 | 1 | 0,1 | 1 | 0,1 | 0 | - | 0 | - | 0 | - |
| 18 – 30 - сола / 18 – 30 лет | 3736 | 64,0 | 3985 | 63,6 | 4311 | 62,2 | 2390 | 30,48 | 2501 | 28,5 | 2569 | 29,7 | 2367 | 29,5 | 2587 | 34,9 | 2314 | 32,5 |
| 31 – 59 - сола / 31 – 59 лет | 2827 | 34,4 | 3151 | 34,8 | 3279 | 35,9 | 5371 | 68,5 | 6159 | 70,5 | 6001 | 69,4 | 5611 | 69,9 | 4774 | 64,5 | 4739 | 66,5 |
| аз 60 - сола боло / старше 60 лет | 193 | 1,15 | 135 | 1,1 | 96 | 1,5 | 78 | 0,9 | 83 | 0,9 | 74 | 0,8 | 40 | 0,4 | 47 | 0,6 | 64 | 0,89 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Деҳотиён / Сельские | 741 | 11,0 | 976 | 13,5 | 1125 | 14,55 | 1290 | 16,5 | 1314 | 18,1 | 1823 | 21,1 | 2176 | 27,1 | 1276 | 17,2 | 1558 | 21,8 |
| Шаҳриён / Городские | 6018 | 89,0 | 6299 | 86,5 | 6607 | 85,45 | 6520 | 83,5 | 7278 | 81,9 | 6822 | 79,9 | 5842 | 72,9 | 6122 | 82,8 | 5559 | 78,1 |
| Хонандагон / Учащиеся | - | 0 | - | 0 | - | 0 | 1 | 0,02 | 1 | 0,01 | - | 0 | 0 | - | 0 | - | 0 | - |
| Донишҷӯён / Студенты | 6 | 0,1 | 8 | 0,1 | 19 | 0,3 | 54 | 0,8 | 47 | 0,65 | 7 | 0,1 | 0 | - | 0 | - | 0 | - |
| Коргарон / Работающие | 1377 | 20,4 | 1895 | 26,1 | 1899 | 24,57 | 1836 | 23,5 | 2113 | 24,6 | 1579 | 18,3 | 1120 | 13,9 | 800 | 10,8 | 666 | 9,3 |
| Бекорон / Неработающие | 5382 | 79,6 | 5380 | 73,9 | 5833 | 75,43 | 5974 | 76,5 | 6479 | 75,4 | 7066 | 81,7 | 6898 | 86,1 | 6598 | 89,2 | 6451 | 90,6 |

Тавре, ки аз Ҷадвали №4 бармеояд, таносуби беморони гирифтори нашъамандӣ дар байни мардон ва занон дар давраи солҳои 2003-2011 нисбатан устувор буд. Дар ҳамаи мамлакатҳои дунё дар солҳои охир тамоюли нишондодҳои баланди гирифторӣ ва паҳншавии нашъамандӣ дар байни занҳо мушоҳида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдшавии аҳамиятноки теъдоди беморони гирифтори нашъамандӣ дар байни занон ба мушоҳида нарасидааст. Ҳиссаи сабти номшудаи занони гирифтори бемории нашъамандӣ аз шумораи умумии вобастагон ба маводи мухаддир аз соли 2003 то соли 2011 ба 0,7% коҳиш ёфтааст. Ин асосан аз вазъи иҷтимоию фарҳангӣ, урфу одат, одобу рафтор, мавқеъи зан дар ҷомеа ва таъсири омилҳои динӣ, бахусус аз ҷаҳонбинии исломӣ вобаста аст. Бешубҳа, омилҳои умумии дар боло зикр гардида, таъсири мусбии худро ба ташаккули устувории зидди нашъамандӣ дар байни занҳо мерасонад.

Дар мавриди тамоюлҳои ҷаҳонии ҷавоншавии нашъамандӣ сухан ронда, зикр кардан бомаврид аст, ки сохтори синнусолии вобастагӣ ба маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад.

Ҷуноне аз Ҷадвали №4 дида мешавад, ҷараёни инкишофи сохтори синнусолии беморон тағйирёбанда мебошад. Ҳиссаи шахсони 18-30 - сола назар ба шахсони 31-59 - сола мутаносибан коҳиш ёфта, дар соли 2011 аллакай 66,5%-ро ба муқобили 32,5% ташкил дод. Дар ин давра, дар

Как видно из Таблицы №4, соотношение мужчин и женщин, больных наркоманией, в период 2003-2011 гг. было относительно стабильным. Во всех странах мира с высокими показателями распространенности наркомании в последние годы отмечается тенденция увеличения показателя заболеваемости и болезненности наркоманией среди женщин. В Республике Таджикистан значимого роста заболеваемости наркоманией среди женщин не произошло. Доля зарегистрированных женщин, больных наркоманией, от общего числа наркозависимых с 2003 по 2011 год уменьшилась на 0,7%. Это, в основном, связано с социальным и этнокультуральным статусом женщин на уровне общин, традиционно установленных норм поведения, а также с влиянием религиозного фактора, особенно исламского мировоззрения. Очевидно, что комплекс вышеназванных факторов положительно влияет на формирование антинаркотической устойчивости среди женщин.

Говоря об общемировых тенденциях омолаживания наркомании, следует отметить, что в Республике Таджикистан возрастная структура наркозависимости имеет свои особенности.

В динамике возрастная структура больных изменчива (Таблица №4). Доля лиц в возрасте 18-30 лет в процентном соотношении уменьшается в пользу лиц возрастной категории 31-59 лет, которая в 2011 году уже составляет 66,5% против 32,5%. В этот период наравне со «старением наркомании» произошло снижение показателя пер-

баробари «солоршавии нашъамандӣ» нишондоди аввалин бор ба беморӣ гирифторшудагон коҳиш пайдо кард, ки ин шаҳодати эътидоли вазъ мувофиқи ҳисобҳои расмист.

Ин далел, пеш аз ҳама ба гурӯҳи бемороне, ки дар қайди махсуси муассисаҳои наркологӣ мебошанд ва асосан маводи вазнини нашъадори афюниро истеъмол мекунанд, алоқаманд мебошад. Ин раванд сохтори синнусолии кулли истеъмолкунандагони мухаддиротро инъикос намекунад. Ба гурӯҳи истемолкунандагони маводи мухаддир, ки ба кӯмаки тиббӣ мурочиат намекунанд, аксаран шахсоне дохил мешаванд, ки бангдона, галютсиногенҳо, барбитуратҳо, маводи таскиндиҳандаи дорои кодеин, экстазӣ, первентин, яъне истифода аз маводи нашъадори дар байни ҷавонон мӯдшударо мепазиранд. Табиист, ки сохтори синнусолии онҳо аз маълумоти ҳисобҳои расмӣ фарқ мекунанд.

Мутобиқи Ҷадвали №4 то ҳадде афзоиш ёфтани бемории нашъамандӣ аз ҳисоби сокинони деҳот аз 11,0% то 21,8% ба қайд гирифта шудааст, ки ин аз беҳтаршавии сохтори бақайдгирии беморони гирифтори нашъамандӣ шаҳодат медиҳад ва нишондиҳандаи беҳбудии дастрасӣ ба кӯмаки наркологӣ дар деҳот мебошад.

Аз ҷадвал ҳамчунин дида мешавад, ки гирифторони нашъамандӣ бо нишондоди пасти мутобиқати иҷтимоии худ фарқ мекунанд ва то 90,6%-и онҳо аз ҷумлаи бекоронанд ва ин нишондод ҳамвора рӯ ба афзоиш аст.

Зикр кардан бомаврид аст, ки нишондоди паҳншавии нашъамандӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар вобастагӣ аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва дигар омилҳое мавҷудбуда тафовут дорад.

вичной заболеваемости, что говорит о стабилизации ситуации по данным официального учета.

Прежде всего, это связано с тем, что состоящий на официальном учете наркологических учреждений контингент больных представлен лицами, злоупотребляющими так называемыми тяжелыми наркотиками, в данном случае – опиатами. Это не отражает возрастную структуру всей совокупности потребителей наркотиков. В группе потребителей наркотиков, которые не обращаются за медицинской помощью, преобладают лица – потребители гашиша, галлюциногенов, барбитуратов, кодеиносодержающих обезболивающих препаратов, экстази, перветина, то есть наркотиков, потребление которых, в основном, модно среди молодежи, и, естественно, их возрастная структура отличается от данных официального учета.

Согласно Таблице №4, отмечается некоторое увеличение доли сельских жителей от общего количества больных наркоманией с 11,0% до 21,8%, что является, в основном, следствием раннего выявления больных, свидетельством улучшения доступности наркологической помощи в сельской местности.

По данным этой же таблицы видно, что больные наркоманией отличаются низкими показателями социальной адаптации и социального функционирования, до 90,6 % из них нигде не работают и этот показатель в динамике растёт.

Необходимо отметить, что показатели распространенности наркомании в регионах республики, в зависимости от социально-экономических, географических и других существующих факторов, отличаются.

Бемориҳои нашъамандӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маълумоти соли 2011

Болезненность наркоманией по регионам Республики Таджикистан по данным за 2011 г.




Қариб нисфи беморони нашъаманди ба қайд гирифташуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе (3018) ба рост омада, 42,4%-ро ташкил мекунад.

Почти половина зарегистрированных в Республике Таджикистан больных наркоманией (3018) приходится на г. Душанбе, что составляет 42,4%.

Ҳамзамон, нишондоди аз ҳама зиёди сабти бемории нашъамандӣ ба 100 000 аҳолӣ ба вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рост меояд ва ин нисбат ба нишондоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,4 маротиба зиёдтар мебошад.

Омили дигари нишондиҳандаи вазъи нашъамандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам баланд будани нишондоди истеъмолкунандагони тазриқии маводи нашъадор мебошад. Ба муассисаҳои наркологӣ асосан бемороне, муроҷиат менамоянд, ки бештар мушкилоти иҷтимоии истеъмоли воситаҳои нашъадор доранд (Ҷадвали №5).

В то же время, самый высокий показатель учтенной распространенности больных наркоманией на 100 000 населения отмечается в Горно-Бадахшанской Автономной области и превышает показатель по Республике Таджикистан более чем в 3,4 раза.

Другим фактором, характеризующим наркологическую ситуацию в Республике Таджикистан, является все еще высокий показатель инъекционных потребителей наркотиков. В наркологические учреждения обращаются, в основном, больные наркоманией, являющиеся социально-проблемными потребителями наркотических средств (Таблица №5).

Ҷадвали №5. Ҷараёни нишондоди вазни хоси ИТМ[1] дар байни бемороне, ки дар қайди диспансерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд

Таблица №5. Динамика показателя удельного веса ПИН[2] среди больных наркоманией, состоящих на диспансерном учете в РТ

| Солҳо / Годы | Беморони нашъаманде, ки дар қайди диспансерии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд / Больные наркоманией, состоящие на диспансерном учете в РТ | Истеъмолгарони тазриқии мухаддирот / Инъекционные наркопотребители | |
|---|---|---|---|
| | | Теъдоди мутлақ / Абсолютное число | таносуб аз миқдори умумӣ (бо %)/ отношение от общего количества (%) |
| 2000 | 4604 | 1419 | 30,8% |
| 2001 | 6356 | 2193 | 34,5% |
| 2002 | 6496 | 2334 | 35,9% |
| 2003 | 6759 | 2420 | 35,8% |
| 2004 | 7275 | 3564 | 49,0% |
| 2005 | 7732 | 4478 | 57,9% |
| 2006 | 7841 | 4693 | 59,9% |
| 2007 | 8744 | 5386 | 61,6% |
| 2008 | 8645 | 5430 | 62,8% |
| 2009 | 8018 | 4583 | 57,1% |
| 2010 | 7398 | 4578 | 61,8% |
| 2011 | 7117 | 4185 | 58,8% |

Тибқи нишондоди Ҷадвали №5 аз соли 2001 афзоиши теъдоди бемороне ба қайд гирифта шуд, ки маводи мухаддирро бо усули тазриқӣ истеъмол менамоянд. Соли 2011 теъдоди онҳо ба 4185 нафар расид, ки ин 58,8% аз миқдори умумии беморони гирифтори нашъамандиро ташкил медиҳад.

Як мушкили истеъмоли тазриқии маводи му-

По данным Таблицы №5, с 2001 года отмечается возрастание числа больных, употребляющих наркотики инъекционным путем, и к 2011 году их число достигло 4185 или 58,8% от общего числа больных наркоманией.

Одной из проблем инъекционного употребления наркотиков является распространение ВИЧ-

*1 ИТМ – истеъмолкунандагони тазриқии мухаддирот*
*2 ПИН – потребители инъекционных наркотиков*

хаддир паҳн шудани инфексияи ВНМО[1] ба шумор меравад. Тибқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ[2] то таърихи 01.01.2012 дар Тоҷикистон 3846 нафар гирифторони ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки 53,5%-и онҳоро истеъмолкунандагони тазриқии мухаддирот ташкил медиҳанд.

инфекции. По данным Республиканского Центра профилактики и борьбы со СПИДом на 01.01.2012 года в Таджикистане зарегистрировано 3846 ВИЧ-инфицированных, из которых 53,5 % составляют потребители инъекционных наркотиков.

Ҷараёни афзоиши шумораи сироятшудагони ВНМО дар солҳои 2009-2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Динамика роста числа ВИЧ-инфицированных в 2009-2011 гг. в Республике Таджикистан




Зиёда аз 15% истеъмолгарони маводи нашъадор ба истифодаи як сӯзандору мухаддирот истеъмол мекунанд, ки ин сабаби аслии сироят ба бемории ВНМО шудааст.

97% аз ҷумлаи истеъмолкунандагони тазриқии маводи мухаддир мардон мебошанд. Қариб ҳамаи истеъмолкунандагони маводи нашъадор алоқаи ҷинсии бемуҳофизаро амалӣ мекунанд, ки имкониятҳои иловагии сироят ба ВНМО-ро афзун менамояд.

Свыше 15% ПИН допускают использование одного шприца для инъекционного потребления наркотиков, что формирует основной путь передачи ВИЧ/СПИДа.

Из общего числа инъекционных наркозависимых мужчины составляют 97%. Практически все наркопотребители практикуют незащищенный секс, что создает дополнительную возможность распространения ВИЧ-инфекции половым путем.

Ҷадвали №6 Роҳҳои сироят ба инфексияи ВНМО (аз рӯи маълумотҳо то 01.01.2012)

Таблица №6 Пути передачи инфекции (по данным на 01.01.2012 г.)

| Роҳҳои сироят / Пути заражения | Миқдор / Количество | бо % / в % |
|---|---|---|
| Алоқаи ҷинсӣ / Половой путь | 1144 | 29,8% |
| Хунгузаронӣ ва маҳсулоти он / Переливание крови и ее продукты | 15 | 0,39% |
| Нашъамандии тазриқӣ / Инъекционная наркомания | 2023 | 52,6% |
| Номаълум / Неизвестно | 605 | 15,7% |
| Амудӣ, аз модар ба кӯдак / Вертикальный, от матери к ребенку | 59 | 1,5% |
| Ҳамагӣ / Всего | 3846 | 100% |

*1 ВНМО – Вируси норасогии масъунияти одам*

*2 БПНМ – Бемории пайдошудаи норасоии масъуният*

Бо назардошти хусусиятҳои паҳншавии ВНМО ва дигар инфексияҳои аз хун гузаранда бо мақсади пешгирии паҳншавии ин инфексияҳо дар Ҷумҳурии мо тибқи фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон №500 аз соли 2009 барномаи пилотии муолиҷаи ивазкунанда ворид карда шудааст. Барномаи мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Хоруғ ба таври пилотӣ ба роҳ монда шудааст. То 31 декабри соли 2011 миқдори ҷалбшудагон ба муолиҷаи мазкур 172 нафар беморонро ташкил медиҳад. Дар охири соли 2012 натиҷаҳои баҳогузории пешакии барномаи номбурда мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Барои дигар бемориҳои сироятӣ, аз қабили гепатити С ва сил дар байни нашъамандон таҳқиқоти махсус доир карда нашудааст, вале тибқи баъзе арзёбиҳо беморони гирифтори гепатити С дар байни нашъамандон қариб 60%-ро ташкил медиҳанд.

Таҳлили фаъолияти хизмати наркологии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки мутаносибан нишондодҳои муваффақона дар табобати муроҷиати пасти умумии аҳолӣ барои дарёфти кӯмаки махсуси тиббӣ дараҷаи баланди ниҳонӣ аз истеъмоли маводи мухаддир аз сабаби мавҷуд набудани мониторинги воқеъии вазъ ба қайд гирифта мешавад.

Барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба истеъмоли ғайриқонунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳои хислатан давлатӣ, инчунин байниидоравӣ ва идоравӣ андешида мешаванд, ки ба ташкили омӯзиши вазъи кунунии нашъамандӣ, коҳиш додани истеъмоли мухаддирот ва сатҳи ниҳонӣ бар асари истеъмоли мухаддирот, коҳиши гирифторӣ ба беморӣ ва дардмандии нашъамандӣ равона шудаанд. Чун як бахши ҷудонашавандаи пешгирии аввалия аз нашъамандшавӣ дар муассисаҳои омӯзиши умумӣ ва тиббӣ дарсҳои зиддимухаддиротӣ ва тренингҳо барои сайқал додани малакаҳои устуворӣ ба стресс ва рафтори ботамкин ташкил карда шудааст.

Дар муассисаҳои давлатии наркологӣ шӯъбаҳои офиятбахшӣ ташкил карда шудааст, ки ҳадаф аз он ба ҳаёти маъмулӣ баргардонидани нашъамандон мебошад. Дар баъзе аз минтақаҳои кишвар системаи ҳамоиши иҷтимоии барқарорсозии ин гуна шахсон ба кор ба роҳ монда шудааст. Барои таъмини ин гуна фаъолиятҳо ҳайати штатии муассисаҳои наркологӣ зиёд карда шудааст, ҳамчунин ин муассисаҳо бо рӯҳшиносон,

С учетом особенностей распространения ВИЧ/СПИДа и других гемоконтактных инфекций с целью противодействия распространению вышеназванных инфекций в нашей республике согласно Приказа Министерства здравоохранения РТ №500 от 2009 г. была внедрена пилотная программа заместительной терапии. Программа пилотируется в городах Душанбе, Худжанд и Хорог. На 31.12.2011 г. число пациентов, охваченных данной терапией, по республике составляет 172 больных. В конце 2012 года намечается предварительная оценка результатов данной программы.

По другим инфекционным заболеваниям, таким, как гепатит С и туберкулез, среди наркозависимых специальных исследований не проводилось, однако, по некоторым оценкам, больных гепатитом С среди потребителей около 60%.

Анализ деятельности наркологической службы РТ показывает, что при относительно благополучных показателях формирования ремиссий в результате проведенного лечения, отмечается рост повторных обращений за медицинской помощью при общей низкой обращаемости населения за специализированной медицинской помощью, высокий уровень латентности наркопотребления в связи с отсутствием реального мониторинга ситуации.

Для преодоления проблемы незаконного потребления наркотиков в РТ предпринимается комплекс мер как государственного, так и межведомственного и внутриведомственного характера, направленных на организацию адекватного мониторинга наркоситуации, снижение уровня наркопотребления и уровня его латентности, снижение заболеваемости и болезненности наркоманией. Как неотъемлемая часть системы первичной профилактики наркотизма, в образовательных и медицинских учреждениях организованы уроки антинаркотической грамотности и тренинги по формированию навыков стрессоустойчивости и саногенного поведения.

В государственных наркологических учреждениях были организованы реабилитационные отделения, занимающиеся ресоциализацией наркозависимых, разрабатывается и внедряется по отдельным территориям РТ система социальной интеграции реабилитантов с обеспечением их трудовой занятостью и санацией их микросоциума. Для обеспечения этой деятельности увеличен штатный состав наркологических учреждений, который также комплектуется психологами, пси-

духтурони муолиҷаи бемориҳои рӯҳӣ, офиятбахшон ва кормандони иҷтимоӣ пурра шуда истодаанд.

Айни замон аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳҳои нави муолиҷавӣ, меъёрҳои хизматрасонӣ таҳия ва амалӣ мегарданд, ки дар оянда ба ташкилкунандагон ва иҷрочиёни бевосита раванди кории худро самаранок ба роҳ мемонанд. Баланд бардоштани сатҳи ба ҳам овардани захираҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо бояд ба масдудсозӣ ва рушди минбаъдаи тамоюл аз нигоҳи иҷтимоӣ хатарноки густариши вобастагӣ ба мухаддирот ва ВНМО/БПНМ дар ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

**Маҳмадраҳим Малахов, Директори Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи профессор М.Ғ. Ғуломов Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

хотерапевтами, реабилитологами и социальными работниками.

В настоящее время Министерством здравоохранения разрабатываются и внедряются новые клинические схемы (протоколы) терапии, стандарты услуг, которые в будущем помогут организаторам и непосредственным исполнителям более эффективно строить рабочий процесс. Повышение уровня консолидации ресурсов и координация деятельности должны привести к надёжному блокированию и обратному развитию социально опасной тенденции распространения наркозависимости и ВИЧ/СПИДа в Таджикистане.

**Махмадрахим Малахов, Директор Республиканского клинического центра наркологии им. профессора М.Г. Гулямова Министерства здравоохранения Республики Таджикистан**

# ТАҲҚИҚОТИ СОТСИОЛОГӢ: «МУНОСИБАТИ ГУРӮҲҲОИ АЛОҲИДАИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МАВОДИ НАШЪАДОР ВА ИСТЕЪМОЛИ МУХАДДИРОТ»

# СОЦИОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ: «ОТНОШЕНИЕ ОТДЕЛЬНЫХ ГРУПП НАСЕЛЕНИЯ К ПРОБЛЕМЕ НАРКОТИКОВ И НАРКОПОТРЕБЛЕНИЯ»

6

Дар доираи лоиҳаи Дафтари САҲА дар Тоҷикистон «Гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаю фаҳмондадиҳии зиддинашъамандӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ» бо мақсади муайян намудани сатҳи огаҳӣ оид ба зарари истеъмоли маводи нашъадор, дараҷаи паҳншавии онҳо дар байни аҳолӣ ва талаботи шаҳрвандон дар баргузории чорабиниҳои зиддимухаддиротӣ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд.

Таҳқиқоти номбурдаро мутахассисони АНМН ва ИҶ «РОСТ», бо ҷалби ихтиёриён дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Панҷакент, Хоруғ, инчунин дар ноҳияҳои Ишкошим, Рӯшон ва Шаҳринав доир намуданд. Ҳадафи интихоби шаҳру ноҳияҳои мазкур аз фаро гирифтани минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ иборат буд.

Таҳқиқот бо роҳи пурсиши бе имзо дар байни муаллимон ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, кормандони тибб, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ, дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, бо ҷалби зиёда аз 3500 нафар гузаронида шуд.

Барои ҳар як гурӯҳи пурсишшавандагон дар алоҳидагӣ саволнома таҳия карда шуд. Дар пурсишномаҳо, инчунин саволҳои умумӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо ворид карда шуд:

- дар бораи ҷойи истиқомат, кор/таҳсил, ҷинс, собиқаи корӣ ва самти фаъолият (барои мутахассисон);

- дар бораи муайян намудани сатҳи иттилоотнокӣ оид ба масъалаҳои мухаддирот, аз ҷумла машғулиятҳои махсус дар ин мавзӯъ;

- дар бораи даврнокӣ ва сифати омӯзиш оид ба пешгирии истеъмоли моддаҳои психоактивӣ дар мактабҳо;

- дар бораи сарчашмаҳои ахбор оид ба маводи мухаддир ва дастрасӣ ба онҳо;

- дар бораи муносибат ба одамони истеъмолкунандаи гуногуни моддаҳои психоактивӣ;

- дар бораи муносибат бо барномаҳои иваз намудани сӯзандору ва муолиҷаи ивазкунандаи афюнӣ барои истеъмолкунандагони маводи нашъадор;

- дар бораи дастрасии хизматрасонии тиббӣ барои истеъмолкунандагони маводи нашъадор.

Агентӣ ва ИҶ «РОСТ» қаблан оид ба кор бо мусоҳибашавандагон ва пур кардани саволномаҳо барои шахсоне, ки дар мусоҳибаи гурӯҳҳои аҳолии интихобшуда машғул мебошанд, тренинг ташкил карданд.

В рамках проекта Бюро ОБСЕ в Таджикистане «Проведение антинаркотических предупредительно – профилактических разъяснительных мероприятий в городах и районах ГБАО, Согдийской, Хатлонской областей и районах республиканского подчинения» было проведено социологическое исследование, целью которого было определение уровня информированности о вреде потребления наркотиков, степени их распространения среди населения и потребности граждан в проведении антинаркотических мероприятий со стороны государственных и общественных организаций.

Данное исследование было проведено специалистами АКН и Общественного объединения «РОСТ» с привлечением волонтёров в городах Душанбе, Курган-Тюбе, Куляб, Худжанд, Пенджикент, Хорог, а также в Ишкашимском, Рушанском, Шахринавском районах. Выбор данных городов и районов обуславливался стремлением охватить различные регионы страны.

Исследования были проведены путём анонимного анкетирования среди учителей и учащихся средних школ, медицинских работников, сотрудников правоохранительных органов и местной исполнительной власти и другого населения с охватом более 3500 человек.

Были разработаны анкеты для каждой из групп респондентов. В анкеты были также включены общие для всех групп вопросы:

- о месте жительства, поле, месте работы/учёбы, стажа работы и сфере деятельности (для специалистов);

- об определении уровня информированности по проблеме наркомании, включая специальные занятия по этой теме;

- о регулярности и качестве занятий по профилактике употребления психоактивных веществ (ПАВ) в школах;

- об источниках информации о наркотиках и доступности к ним;

- об отношении к употреблению людьми различных ПАВ;

- об отношении к программам обмена шприцев (ПОШ) и опиоидной заместительной терапии (ОЗТ) для потребителей наркотиков;

- о доступности услуг лечения для потребителей наркотиков.

Предварительно, АКН и ОО «РОСТ» для лиц, занятых в опросе выбранных групп населения, был организован тренинг по работе с респондентами и заполнению анкет.

## Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосӣ

Саволномаҳо пеш аз коркард ва таҳлили минбаъда бо мақсади соқит кардани саволномаҳои нодуруст пуркардашуда санҷида шуданд.

Аз 3500 саволномаи пуркардашуда ба коркард ва таҳлил 2544 саволнома пешниҳод карда шуд. Аз байни 956 пурсишномае, ки аз таҳқиқ бароварда шуд, қисми зиёдашон бо сабаби номукаммал пур кардан аз таҳқиқот соқит гардиданд.

Коркарди пурсишномаҳо бо кӯмаки барномаи SPSS 13.0 гузаронида шуд.

## Основные результаты и выводы

Анкеты перед обработкой и последующим анализом были подвергнуты проверке с целью отбраковки.

Из 3500 заполненных анкет всего к обработке и анализу были представлены 2544. Среди 956 анкет, исключенных из исследования, большая часть была отбракована по причине их неполного заполнения.

Обработка анкет проводилась с помощью программы SPSS 13.0.

### Сохтори пурсидашудагон

### Структура респондентов

Ҷадвали №1 Сохтори пурсидашудагон бо гурӯҳҳо ва минтақаҳо

Таблица №1 Структура респондентов по группам и регионам

| Минтақа / Регион | Кормандони мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ / Работники местных органов исполнительной власти | Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ / Сотрудники правоохранительных органов | Кормандони тибб / Медицинские работники | Муаллимон / Преподаватели | Хонандагон / Учащиеся | Дигар пурсидашудагон / Иные респонденты | ХАМАГӢ / ИТОГО |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш./г. Душанбе | 25 | 71 | 119 | 89 | 201 | 57 | 562 |
| ш. Хуҷанд / г. Худжанд | 7 | 16 | 63 | 50 | 97 | 58 | 291 |
| ш.Панҷакент / г. Пенджикент | 12 | 8 | 33 | 29 | 95 | 31 | 208 |
| ш.Қурғонтеппа / г. Курган-тюбе | 18 | 20 | 58 | 26 | 99 | 51 | 272 |
| ш.Кӯлоб / г. Куляб | 18 | 4 | | 46 | 98 | 50 | 216 |
| ш.Хоруғ / г. Хорог | 19 | 19 | 89 | 31 | 93 | 37 | 288 |
| н. Ишкошим / Ишкашимский р-н | 18 | 20 | 37 | 36 | 84 | 46 | 241 |
| н. Рӯшон / Рушанский р-н | 13 | - | 27 | 37 | 101 | 49 | 227 |
| н. Шахринав / Шахринавский р-н | 7 | - | 52 | 45 | 85 | 50 | 239 |
| Хамагӣ / Всего: | 137 | 158 | 478 | 389 | 953 | 429 | 2544 |

Аз шумораи пурсидашудагон 52,82%-ро занҳо ва 47,18%-ро мардҳо ташкил доданд.

Из числа респондентов 52,82% составили женщины и 47,18% - мужчины.

Ҷадвали №2 Ҳайати ҷинси пурсидашудагон
Таблица №2 Структура респондентов по половой принадлежности

| Категорияи пурсидашудагон / Категория респондентов | Мардҳо % / Мужчины % | Занҳо % / Женщины % |
|---|---|---|
| Кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия / Работники местных органов исполнительной власти | 58,46 | 41,54 |
| Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ / Сотрудники правоохранительных органов | 85,16 | 14,84 |
| Кормандони тибб / Медицинские работники | 37,09 | 62,91 |
| Муаллимон / Преподаватели | 29,79 | 70,21 |
| Хонандагон / Учащиеся | 51,34 | 48,66 |
| Дигар пурсидашудагон / Иные респонденты | 47,10 | 52,90 |
| Ҳамагӣ / Итого: | 47,18 | 52,82 |

## Баҳодиҳии мушкилоти истеъмоли маводи нашъадор

Дар маҷмӯъ зиёда аз 80% пурсидашудагон ба он ақидаанд, ки дар шаҳри (ноҳияи) онҳо моддаҳои психоактивӣ асосан истеъмол намешаванд ё онҳоро баъзеҳо истеъмол менамоянд. Қариб 40% пурсидашудагон маводи мухаддирро дастнорас ё кам дастрас меҳисобанд. Ин гуна ҷавобҳо зиёдтар дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 62,9% мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, 38,5% пурсидашудагон маводи нашъадорро дастрас ё осон дастрас меҳисобанд, аз ҳама зиёд чунин ҷавобҳо дар байни кормандони тибб – 46,96% мебошанд. Зиёда аз 20% пурсидашудагон ба савол оид ба дастрасии мухаддироти ғайриқонунӣ ҷавоб дода натавонистанд. Ҳамин тариқ, бисёр мутахассисони пурсидашуда (духтурон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия) истеъмоли маводи нашъадорро масъалаи муҳим ва мухаддиротро дастрас намеҳисобанд.

Аз ҳама бештар маводи нашъадори ғайриқонунии дастрас ба ақидаи пурсидашудагон каннабис (33,5%), героин (26,78%) ва афюн (17,21%) мебошанд. Дастрасӣ ба маводи нашъадори синтетикиро (амфетамин, экстазӣ) танҳо баъзе пурсидашудагон дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд қайд намуданд.

## Оценка проблемы потребления наркотиков

В целом более 80% опрошенных считают, что наркотические средства в их городе (районе) практически не употребляются, либо их употребляют единицы. Почти 40% респондентов считают наркотики недоступными или малодоступными, при чём больше всего таких ответов среди сотрудников правоохранительных органов – 62,9%. В то же время, 38,5% опрошенных считают наркотики доступными, либо легко доступными, причем больше всего таких ответов среди медицинских работников – 46,96%. Более 20% опрошенных не смогли ответить на вопрос о доступности незаконных наркотиков. Таким образом, многие опрошенные специалисты (медработники, сотрудники правоохранительных органов и местных органов исполнительной власти) не считают проблему употребления наркотиков значительной, а сами наркотики доступными.

Наиболее доступными незаконными наркотиками, по мнению опрошенных, являются каннабис (33,5%), героин (26,78%) и опиум (17,21%). Доступность синтетических наркотиков (амфетамин, экстази) отмечают только отдельные респонденты в гг. Душанбе и Худжанде.

## Тайёр кардани мутахассисон ва корҳои пешгирикунанда

Зиёда аз чоряки пурсидашудагон (духтурон, муаллимон, кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ) омӯзиш оид ба

## Подготовка специалистов и профилактическая работа

Более четверти респондентов (медработников, преподавателей, сотрудников правоохранительных органов и местных органов исполнитель-

масъалаҳои пешгирии истеъмоли нашъамандиро нагузаштаанд. Аз онҳое, ки чунин омӯзиш гузаштаанд (72,68% пурсидашудагон), танҳо 23,25% онро дар курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд.

ной власти) не проходили обучения по вопросам профилактики употребления наркотиков. Из тех, кто прошёл такое обучение (72,68% респондентов), только 23,25% прошли его на курсах повышения квалификации.

Ҷадвали№3. Омӯзиш оид ба масъалаҳои пешгирии истеъмоли моддаҳои психоактивӣ

Таблица №3. Обучение по вопросам профилактики употребления психоактивных веществ

| Намуди омӯзиш / Виды обучения | Кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия / Работники местных органов исполнительной власти | Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ / Сотрудники правоохранительных органов | Кормандони тибб / Медработники | Муаллимон / Преподаватели | Ҳамагӣ / Всего |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар курсҳои такмили ихтисос / На курсах повышения квалификации | 30,08% | 24,14% | 16,48% | 29,11% | 23,25% |
| Дар тренингҳо / На тренингах | 39,84% | 62,76% | 51,24% | 44,96% | 49,43% |
| Дигар / Другое | 2,44% | 0,00% | 2,71% | 2,59% | 2,27% |
| Аз омӯзиш нагузаштам / Не проходил обучение | 27,64% | 13,10% | 29,57% | 23,34% | 25,05% |

Чи тавре, ки натиҷаҳои пурсиш нишон дод, пурсидашудагон омӯзиши пешгирии истеъмоли нашъамандиро асосан дар тренингҳо мегузаранд. Тренингҳо оид ба тайёр кардани кадрҳо дар Тоҷикистон чун қоида дар доираи барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногун, ки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ бо иштироки сохторҳои давлатӣ амалӣ мешаванд, гузаронида мешаванд. Лекин ташкили фаъолияти мазкур ҳоло нокифоя арзёбӣ мегардад.

Дар бораи мунтазам гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда танҳо 33,59% кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия, 27,56% кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва 24,73% духтурон посух доданд.

Зиёда аз 45% муаллимон ва 35% хонандагон арз мекунанд, ки дарс/мулоқот бо хонандагон оид ба пешгирии истеъмоли моводи мухаддир дар мактаб мунтазам гузаронида мешавад. Вале, аз рӯи ҷавобҳои хонандагон онҳо маълумоти бештарро оид ба мухаддирот аз барномаҳои телевизион, филмҳо (ба ин ақида 70,92% муаллимон ва

Как показали результаты опроса, респонденты проходят обучение профилактики употребления наркотиков, в основном, на тренингах. Тренинги по подготовке кадров в Таджикистане, как правило, проводятся в рамках различных программ и проектов, реализуемых общественными и международными организациями с участием государственных структур. Но организация указанной работы остаётся еще недостаточной.

О регулярном проведении профилактических мероприятий заявили только 33,59% работников местных органов исполнительной власти, 27,56% сотрудников правоохранительных органов и 24,73% медработников.

Более 45% преподавателей и 35% учащихся заявляют, что занятия/беседы с учащимися по профилактике употребления наркотиков проводятся в школе регулярно. Однако, судя по ответам учеников, они больше получают информации о наркотиках из телепрограмм, фильмов (с этим согласны 70,92% преподавателей и 62,22% учащихся) и газет (37,02% и 26,65% соответственно).

62,22% хонандагон розӣ мебошанд) ва рӯзномаҳо (мутаносибан 37,02% ва 26,65%) дарёфт мекунанд.

Қисми зиёди пурсидашудагон пешгирии истеъмоли моводи нашъадорро вазифаи духтурон (56,88%) ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (56,19%) меҳисобанд. Танҳо 35,83% пурсидашудагон пешгириро вазифаи мақомоти маориф мешуморанд, лекин дар байни худи муаллимон ин рақам паст – 29,56% аст.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки тайёр намудани мутахассисон оид ба пешгирии нашъамандӣ ба беҳбудӣ ва ҷалб кардани ҳар чӣ бештари мутахассисони тибб, маориф, соҳаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иҷтимоию фарҳангӣ ниёз дорад.

## Хизматрасонӣ барои истеъмолкунандагони моводи нашъадор

48,32% пурсидашудагон аз шумораи духтурон, кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия ва дигар пурсидашавандагон хизматрасониро оид ба табобат барои истеъмолгарони моводи нашъадор кам дастрас меҳисобанд. 16,28% чунин меҳисобанд, ки баъзе намуди хизматрасониҳо дастрасанд ва 11,8% арз карданд, ки хизматрасониҳо барои табобат пулакӣ мебошанд. 21,75% пурсидашудагон ҳамаи хизматрасониҳоро барои табобат дастрас медонанд.

Дар байни табибон 16,74% дар бораи барномаҳои иваз кардани сӯзандору ва 33,89% дар бораи барномаҳои терапияи ивазкунандаи афюнӣ барои истеъмолгарони моводи нашъадор намедонистанд.

Муносибат ба барномаҳои паст кардани зарар (иваз кардани сӯзандору ва муолиҷаи ивазкунандаи афюнӣ) мухолиф мебошад–тахминан нисфи пурсидашудагон (кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, духтурон ва дигар пурсидашудагон) ҳам тарафдор ва ҳам зидди онҳо изҳори ақида намуданд. Ҳамин тавр, ба барномаҳое, ки ба истеъмолгарони моводи нашъадор сӯзандоруҳои тозакардашуда пешниҳод менамояд, 38,29% пурсидашудагон фоидаовар арзёбӣ карда, дар баробари ин 20,15% изҳор намуданд, ки ин барномаҳоро бастан лозим аст. Бештари ҷонибдорони барномаҳои иваз кардани сӯзандору байни духтурон (46,23) ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (37,34%) мушоҳида

Большинство респондентов считает профилактику употребления наркотиков задачей медработников (56,88%) и сотрудников правоохранительных органов (56,19%). Только 35,83% респондентов считают профилактику задачей органов образования, но среди самих преподавателей эта цифра ещё ниже –29,56%.

Проведенное исследование показало, что подготовка специалистов по профилактике наркомании нуждается в улучшении и привлечении как можно большего количества специалистов из медицинской, образовательной, правоохранительной и социально-культурной сфер деятельности.

## Услуги для потребителей наркотиков

48,32% опрошенных из числа медработников, сотрудников местных органов исполнительной власти и иных респондентов считают, что услуги по лечению для потребителей наркотиков малодоступными. Ещё 16,28% считают, что доступными являются только некоторые услуги, и 11,8% сказали о том, что услуги по лечению являются платными. 21,57% опрошенных считают доступными все необходимые услуги по лечению.

Среди медработников 16,74% не знали о программах обмена игл и шприцев, а 33,89% - о программах опиоидной заместительной терапии для потребителей наркотиков.

Отношение к программам снижения вреда (ПОШ и ОЗТ) полярное – примерно равное число респондентов (работники Хукуматов, правоохранительных органов, медработники и иные респонденты) высказались как за, так и против них. Так, программу, предоставляющую потребителям наркотиков стерильные шприцы (ПОШ), считают полезной 38,29% респондентов, в то время, как 20,15% полагают, что эту программу следует закрыть. Больше всего сторонников ПОШ среди медработников (46,23%) и сотрудников правоохранительных органов (37,34%). К программам, предоставляющим потребителям на законных основаниях метадон вместо героина (ОЗТ), положительно относятся 24,27% опрошенных, тогда как 22,84% предлагают их закрыть. Наиболее лояльны к ОЗТ медработники (27,62% «за» и 17,36% «против») и работники Хукуматов (24,82% «за» и 19,71% «против»).

мешавад. Нисбати барномаҳое, ки ба истеъмолкунандагон дар асоси қонун ба ҷои героин метадон пешниҳод мекунанд, 24,27%-и пурсидашудагон назари мусбат доранд, ин дар ҳолатест, ки 22,84% бастани ин барномаҳоро пешниҳод мекунанд. Аз ҳама зиёд ба қонун мувофиқ будани барномаҳои муолиҷаи ивазкунандаи афюниро духтурон (27,62% тарафдор ва 17,36% муқобил) ва кормандони мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия (24,82% тарафдор ва 19,71% муқобил) изҳор карданд.

Ҳамин тавр, аксари пурсидашудагон дар бораи дастрасии хизматрасониҳо барои истеъмолгарони маводи нашъадор намедонанд ё дар бораи онҳо тасаввуроти нодуруст доранд. Дар маҷмӯъ пурсидашудагон хизматрасониҳоро барои истеъмолкунандагони маводи нашъадор дастнорас ё камдастрас меҳисобанд.

## Муносибат ба истеъмоли моддаҳои психоактивӣ ва истеъмолкунандагони нашъадор

Муносибати пурсидашудагон ба моддаҳои психоактивӣ (маводи мухаддир) дар маҷмӯъ манфӣ буда, ҳамзамон бо ин нисбати истеъмоли моддаҳои қонунии психоактивӣ (нӯшокиҳои спиртӣ, тамоку) то ҳадде ҷонибдоранд. Чунончӣ, 77% пурсидашудагон ба истеъмоли героин аз ҷониби баъзе одамон изҳори назари манфӣ карданд. Ин дар ҳолест дар муносибат ба тамоку (нос ва сигор) низ 58% ва ба нӯшокиҳои спиртӣ 61, 8% изҳори назар намуданд.

Зиёда аз 50% иштирокчиёни пурсиш табобати маҷбурии истеъмолкунандагони маводи мухаддир, 15, 87% - ҷарима, 12,26% - аз ҷамъият берун ронанд ва 10,33% хостори ҳабс кардани онҳо мебошанд. Танҳо 4,79% пешниҳод мекунанд, ки ба истеъмолкунандагони мухаддирот бо роҳҳои қонунӣ маводи нашъадор пешниҳод карда шавад. Ҷолиби он аст, ки дар байни гурӯҳи дигар пурсидашудагон ҷонибдорони чораҳои шадид ҳатто бештар аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Ҳамин тариқ, муносибат ба истеъмолкунандагони мухаддирот асосан шадид буда, тарафдорони берун рондан аз ҷамъият, ба ҷазо кашидан ва табобати маҷбурӣ бештар мебошанд.

## Хулосаҳо

Ширкаткунандагони пурсишнома ҷонибдори он мебошанд, ки муносибати манфиро ба худи

Таким образом, многие респонденты не знают о доступных услугах для потребителей наркотиков или имеют о них неправильное представление.

## Отношение к употреблению ПАВ и потребителям наркотиков

Отношение к употреблению психоактивных веществ (наркотиков) у респондентов, в целом негативное, в то же время их отношение к употреблению легальных психоактивных веществ (алкоголь, табак) относительно лояльное. Так, 77% респондентов выразили отрицательное отношение к тому, что некоторые люди употребляют героин, тогда как в отношении табака (в виде «насвая» и сигарет) такое же отношение выразили 58%, а в отношении алкоголя – 61,8%.

Более 50% участников опроса считают, что потребителей незаконных наркотиков следует принудительно лечить; 15,87% - штрафовать; 12,26% - изолировать от общества и даже «сажать в тюрьму» 10,33%. Только 4,79% предлагают предоставлять потребителям наркотики законным путём. Примечательно, что среди категории «иные респонденты» сторонников жёстких мер больше, даже по сравнению с сотрудниками правоохранительных органов.

Таким образом, отношение к потребителям наркотиков, в основном, жесткое – преобладают мнения о необходимости изоляции, наказания, принудительного лечения.

## Выводы

Опрошенные респонденты склонны переносить негативное отношение к употреблению наркотиков на самих потребителей. С другой стороны, наркопотребление воспринимается ими, как узкая проблема, касающаяся небольшой группы потребителей, которую должны решать правоохранительные органы и медучреждения. Для этого предлагаются, в основном, жёсткие принудительные меры, ограничивающие гражданские права потребителей наркотиков.

В условиях недостаточной информированности о способах и методах лечения потребителей наркотиков, значительная часть опрошенных, тем не менее, выступает против программ снижения вреда, которые длительное время применяются в большинстве стран мира.

Профилактические мероприятия и подготовка специалистов их осуществляющих, по большей

истеъмолкунандагони маводи мухаддир гузоранд. Аз сӯи дигар истеъмоли мухаддиротро мушкилоти хурде медонанд, ки ба гурӯҳи начандон калони истеъмолкунандагон дахл дорад ва онро бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои тиббӣ ҳалл кунанд. Барои ин асосан чораҳои мачбурии шадидтар ҷиҳати маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандии истеъмолгарони маводи нашъадорро пешниҳод мекунанд.

Дар шароити маълумоти нокифоя доштан оид ба роҳу усулҳои табобати истеъмолкунандагони маводи нашъадор, қисми асосии пурсидашудагон ҳамзамон зидди барномаҳои коҳиши зарар мебошанд, гарчанде, ки ин барномаҳо муддати тӯлонӣ дар кишварҳои ҷаҳон истифода мешаванд.

Чорабиниҳои пешгирикунанда ва тайёр кардани мутахассисони онро амаликунанда дар бисёр ҳолатҳо ҳоло мунтазам нестанд ва барои мукаммал гардидан чораҳои иловагиро талаб менамояд, аз ҷумла:

- таҳияи тавсияҳо барои вазорату идораҳои дахлдор, инчунин мутахассисон дар масъалаҳои пешгирии истеъмоли моддаҳои психоактивӣ;

- коркарди муносибати системанок ба омӯзиши мутахассисон роҳу усулҳои пешгирӣ аз истеъмоли мухаддирот. Аз ҷумла, дар ин раванд мебояд ин омӯзишро ба сифати яке аз қисмҳои курсҳои такмили ихтисос, инчунин дар барномаҳои таълимии мактабҳои олӣ дохил кард. Ҳангоми омӯзиши мутахассисон ба масъалаи коҳиши сатҳи нақзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони маводи мухаддир диқат дода шавад;

- таҳкими назорати мунтазам дар гузаронидани машғулиятҳо оид ба пешгирии истеъмоли маводи нашъадор ва тарзи ҳаёти солим, ҳамчунин таъмини муаллимон бо маводҳои зарурии иттилоотӣ ва методӣ;

- гузаронидани таҳлили хизматрасонии мавҷудбуда оид ба табобати беморони нашъаманд ва муаяйн кардани талаботи минтақаҳо ба онҳо;

- дар байни мутахассисон ва аҳолӣ паҳн намудани маълумоти дақиқ дар бораи мақсад, вазифа ва усулҳои барномаҳои муолиҷаи ивазшавандаи афюнӣ ва иваз намудани сӯзандору.

части, пока не являются системными и требуют принятия дополнительных мер по их совершенствованию, среди которых:

- разработка рекомендаций для заинтересованных министерств и ведомств, а также специалистов по вопросам профилактики ПАВ;

- выработка системного подхода к обучению специалистов методам и формам профилактики потребления наркотиков. В частности, следует включить это обучение в качестве одного из элементов курсов повышения квалификации и в учебные программы профильных ВУЗов. При обучении специалистов уделять внимание вопросам снижения уровня дискриминации потребителей наркотиков;

- усиление контроля над регулярностью проведения занятий по профилактике потребления наркотиков, здоровому образу жизни, а также обеспечение преподавателей необходимыми информационными и методическими материалами;

- проведение анализа существующих услуг по лечению наркозависимых и определение потребностей регионов в них;

- распространение среди специалистов и населения достоверной информации о целях, задачах и методах программ ПОШ и ОЗТ.

## ПЕШГИРИИ НАШЪАМАНДӢ

## ПРОФИЛАКТИКА НАРКОМАНИИ

# 7

Сӯйистеъмоли маводи мухаддир ва ҷиноятҳои марбут ба он миллионҳо одамонро дар тамоми ҷаҳон ба ташвиш овардааст. Онҳо на танҳо ба ҳаёти инсон зарар мерасонанд, балки ба бехатарии иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии мамлакат низ таҳдид менамоянд.

Ҷомеа барвакт ба хулосае омадааст, ки аз ҷамъи чорабиниҳои зиддимухаддиротӣ, бештар чорабиниҳои пешгирикунанда афзалият дошта, мебоист ба ин самти фаъолияти корӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон қайд намуданд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдор бояд ба таври ҷиддӣ фаъолияти худро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир пурзӯр намоянд.

Дар асоси ин фаҳмида мешавад, ки нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ба ҳамдигар алоқамандӣ ва вобастагии зич доранд.

Бо назардошти зарурияти гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунандаи нашъамандӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриконунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» тасдиқ карда шуд, ки қисми зиёди он ба иҷрои чорабиниҳои дар боло номбаршуда равона шуданд.

Мақсади асосии чорабиниҳои пешгирикунандае, ки АНМН ва дигар мақомоти салоҳиятдор амалӣ менамоянд, аз таъмини ҳаёти солими шаҳрвандони ҷумҳурӣ иборат мебошад. Ҳамзамон фаҳмонида додани зарурияти даст кашидан аз нашъамандӣ ва пешбурди тарғиботи тарзи ҳаёти солим низ вазифаи ин гуна чорабиниҳост.



Злоупотребление наркотиками и связанная с ним преступность затрагивают миллионы людей во всем мире. Они не только разрушают человеческую жизнь, но и угрожают социально-экономической, общественно-политической безопасности государства.

Общество давно пришло к пониманию того, что во всем комплексе мер борьбы с наркотизмом первостепенное значение следует уделять мерам профилактического характера.

В своём послании 2011 года в Маджлиси Оли Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон отметил, что правоохранительным органам и другим соответствующим структурам необходимо усилить серьёзным образом свою деятельность в направлении борьбы против незаконного оборота наркотических средств.

В основе этого лежит понимание, что наркомания и нелегальный оборот наркотиков – явления взаимосвязанные и взаимообусловленные.

Учитывая значительную роль профилактических мероприятий в отношении наркомании, Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 ноября 2007 года была утверждена «Единая государственная целевая программа профилактики наркомании и противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан на 2008-2012 годы», большая часть которой нацелена на исполнение вышеназванных мероприятий.

Главной целью профилактических мероприятий, реализуемых Агентством и другими компетентными органами, является поддержание основ здорового образа жизни населения. Соответственно, задачами этой деятельности являются формирование у людей устойчивого общественного мнения по принципу «нет наркотикам» и пропаганда здорового образа жизни.

Известно, что некоторые причины, способствующие возникновению наркомании, имеют корни во многих областях жизни общества: экономике, культуре, праве, медицине, образовании, духовности каждого человека и др. Поэтому их выявление и устранение предполагают комплексный подход с участием широкого круга государственных учреждений и ведомств, общественных и международных организаций. Основной платформой по реализации профилактических мероприятий и консолидации представителей вышеназванных структур уже несколько лет является Координационный совет по профилактике зло-

Маълум аст, ки баъзе омилҳое, ки ба пайдоиши нашъамандӣ мусоидат менамоянд, бо равишҳои мухталифи ҳаёти ҷомеъа, ба монанди иқтисодиёт, фарҳанг, ҳуқуқ, тандурустӣ, маориф ва маънавиёти ҳар як фард алоқамандӣ ва пайвастагӣ доранд. Аз ин лиҳоз, барои дарёфт ва нобуд сохтани маводи нашъадор, дар маҷмӯъ, як силсила чорабиниҳои муштарак бо иштироки васеи идораву муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятиву байналмилалиро ташкил ва гузаронидан зарур аст. Таҳкурсии асосӣ оид ба амалӣ намудани чорабиниҳои пешгирикунанда ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муштараки намояндагони ин сохторҳо дар тӯли чандин сол Шӯрои хамоҳангсозӣ оиди пешгирии сӯйистеъмоли маводи нашъадор мебошад, ки 3 апрели соли 2004 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Шӯрои ҳамоҳангсозии ҷумҳуриявӣ, ки фаъолияти худро таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебарад, дар фаъолияти худ таҷрибаи гузаронидани мониторинги вазъи нашъамандиро дар асоси барномаи зиддимухаддиротӣ дар манотиқи гуногуни мамлакат амалӣ мегардонад.

Соли 2011 Шӯрои ҳамоҳангсозӣ се ҷаласаи худро баргузор намуд, ки дутои он ҷаласаҳои сайёр буда, дар шаҳрҳои Хуҷанди вилояти Суғд ва Ваҳдат баргузор гардиданд.

Дар ҷаласаҳои сайёр натиҷаҳои санҷиш ва маълумоти роҳбарияти Ҳукумати шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» шунида шуд.

Яке аз натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ба эътидол овардан ва паст намудани сатҳи нашъамандӣ, ба таври васеъ фаро гирифтани шаҳрвандони Тоҷикистон дар чорабиниҳои зиддинашъамандӣ ва тарғиботи тарзи ҳаёти солим мебошад.

Солҳои охир бо дастгирии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон баҳри амалӣ намудани барномаи муштарак – «Гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва тарғиботиву ташвиқотӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ», аксияҳои оммавию фарҳангӣ таҳти шиори «Тоҷикистон зидди маводи мухаддир» гузаронида шуданд.

употребления наркотиками, созданный Указом Президента Республики Таджикистан от 3 апреля 2004 года.

Республиканский Координационный совет, действующий под председательством заместителя Премьер-министра Республики Таджикистан, практикует в своей деятельности мониторинг ситуации, связанной с профилактикой наркомании, выполнением антинаркотиковых программ в различных регионах страны.

В 2011 году было проведено три заседания Координационного совета, два из которых были выездными и проходили в г.Худжанд Согдийской области и в г.Вахдат.



На выездных заседаниях были заслушаны итоги проверок и отчеты руководителей Хукуматов городов и районов о деятельности городских и районных координационных советов, а также о ходе реализации «Единой государственной целевой программы профилактики наркомании и противодействия незаконному обороту наркотиков в Республике Таджикистан на 2008 - 2012 годы».

Сарҳади давлатӣ бо ҶИА ин натанҳо сарҳади Тоҷикистон мебошад. Барои ҳамин мубориза ва пешгирии воридшавии моводи нашъаовар пеш аз ҳама дар сарҳад ба роҳ монда шавад. Дар ин роҳ кӯмаки дигар кишварҳо зарур мебошад. Тоҷикистон аъзои Созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, чандин Созишнома ва Протоколи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба имзо расонидааст. Дар доираи ин ҳуҷҷатҳо бояд ҳамкориҳо бештар ва беҳтар карда шаванд.

Масъалаи дигари ниҳоят ҷиддӣ ин пешгирии нашъамандӣ мебошад. Нашъаманд ин бемор аст, узви ҷомеа мебошад, аз дигар сайёра наомадаст, аз осмон наафтодааст, дар байни мо зиндагӣ дорад. Вайро бояд табобат кунем, ӯ ниёз ба кӯмак дорад.

Имрӯз ҷомеа ба сухани баланду таъсирбахш ниёз дорад. Дар корҳои таблиғотӣ имкониятҳои олимон, шоирон, мутахассисони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, равоншиносон, инчунин рӯҳониён, зиёиён, варзишгарони маъруф, модарон ва дигаронро, ки дар ҷомеа соҳиби иззату эҳтиром ва обрӯю эътибор мебошанд, самаранок истифода бурдан аз манфиат холӣ нест.

Проблема наркомании не является проблемой только одной страны. На сегодняшний день она превратилась в мировую проблему.

Государственная граница с ИРА – это не только граница Таджикистана. Поэтому борьбу с наркотиками необходимо начинать на линии границы. Для этого нужна помощь других стран. Таджикистан, являясь членом авторитетных международных организаций, подписал ряд двусторонних и многосторонних Соглашений и Протоколов о сотрудничестве. В рамках этих документов сотрудничество должно улучшаться и развиваться.

Другой важной проблемой является профилактика наркомании. Наркоман – это больной, являющийся частью общества, его не прислали с другой планеты, он живет среди нас. Его необходимо лечить, он нуждается в нашей помощи.

Сегодня обществу необходимы такие обращения, которые бы имели эффективное воздействие. В агитационно-пропагандисткой деятельности необходимо шире использовать возможности ученых, поэтов, специалистов отраслей образования, здравоохранения, психологов, представителей религии, интеллигенции, известных спортсменов, матерей и других, которые пользуются высоким уважением и авторитетом.



*Меҳмон Бахтӣ, Раиси Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ*

*Мехмон Бахти, Председатель Союза писателей Республики Таджикистан, Лауреат государственной премии имени Рудаки*

Нашъаву нашъамандӣ як падидаи манҳуси олами башар аст, ки ба мисли як ҷанги эълоннашуда ҳаёти инсонҳоро дар маърази хатар нигоҳ медорад.

Барои шоиру нависанда силоҳи ягона қалам ва сухани ӯст. Бедортарин шоирони мо, хушзавқтарин нависандагони миллат нашъаву нашъамандиро чун хатар ба ҷисму ҷони миллат дарёфтаанд ва то имрӯз дар мазаммати нашъамандӣ даҳҳо ҳикояву очерк, намоишномаҳо ва шеърҳо иншо шудаву чоп гардидаанд.

Наркотики и наркомания являются пороками общества, которые, как необъявленная война, угрожают жизни людей.

Единственным оружием поэта и писателя является перо и слово. Поэты и писатели нашего народа всегда рассматривали наркотики и наркоманию, как серьезную опасность, угрожающую духовному и телесному здоровью нации, и до сегодняшнего дня были написаны десятки стихов, рассказов и очерков, осуждающих наркотики и наркоманию.



*Акбаралӣ Сатторов, Раиси Иттифоқи журналистони ҶТ*

*Акбарали Сатторов, Председатель Союза журналистов РТ*

Дар ибтидои қарни 20-ум инсоният фаҳмид, ки маводи мухаддир - силоҳи бузургтарин ва фалокатовари қатли ом аст. Хатари маводи мухаддирро аз силоҳи атомӣ болотар мешуморам. Агар аз таркишҳо ва фалокати яроқи атомӣ 230 ҳазор фавтида бошанд, аз вабои маводи мухаддир бошад, ҳар рӯз то даҳҳо ҳазор одамон дар сайёра нобуд мешаванд...

...Ҳар қадар мо иттилооти фалокат ва зарари маводи мухаддирро бештар паҳн кунем, ҳамон қадар дар инсонҳо ҳисси эҳтиёт ва бадбинӣ нисбати маводи нашъадор афзоиш меёбад.

В начале 20 века человечество осознало, что наркотики являются мощнейшим оружием уничтожения. Считаю, что распространение наркотиков имеет большую опасность, чем ядерное оружие. Если при взрыве атомной бомбы погибло 230 тысяч человек, то от употребления наркотиков в мире ежедневно гибнут свыше 10 тысяч человек...

...Насколько широко мы сможем распространить информацию о вреде наркотиков, настолько и сможем добиться чувства настороженности и отвращения у людей к ним.



*Зебуннисо Қутбиддинова, омӯзгори мактаби таҳсилоти умумии №54 ш. Душанбе, аълочии маорифи ҶТ*

*Зебуннисо Кутбиддинова, преподаватель общеобразовательной школы №54 г. Душанбе, отличник образования РТ*

Дар байни халқ мақоле ҳаст: «Барои тарбияи як фарзанд ҳафт падару ҳафт модар кам аст».

Чӣ бояд кард, ки фарзандони худро аз нашъамандӣ раҳо кунем?

Бояд дастаҷамъона алайҳи нашъа мубориза пурзӯр намоем. Яъне Ҳукумат, ҷамъият, маориф, тибб, дин, волидайн ва ҳар як фарди дилсӯз тарбияи ҷавононро бар ӯҳда бигиранд. Агар ҳамаи сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ роҳҳои ба ҷавонон қобили қабул, аз ҷумлаи филмҳо, суруду мусиқӣ, ҷамъомадҳои фарҳангӣ-таблиғотиро истифода баранд, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст меоянд. Зеро аз муолиҷаи касалӣ пешгирии он натиҷаҳои хуб медиҳад.

Ҷавонони саодатманд, фарзандони азиз, ҳаргиз нагузоред, ки вуҷуди поку беолоиши шумо заҳролуд шавад. Шумо бояд илм биомӯзед, ба қуллаҳои баланди мурод бирасед, барои халқу Ватан хизмат намуда, номи худро дар саҳифаҳои таърих сабт намоед.

Ватан бароятон шароитҳои хубе фароҳам овардааст, дарҳои мактабҳо, варзишгоҳҳо ва марказҳои маърифатӣ ба рӯятон боз аст. Ин дарҳо шуморо ба сӯи рӯшноӣ, бахту саодат ва орзуҳои ширин мебаранд. Аммо дарҳои нашъамандӣ, майзадагӣ ва дигар одатҳои бад шуморо ба сӯи торикӣ, ноумедӣ, беморӣ ва марг мебарад. Ҳазар аз ин роҳ!

Интихоби роҳ аз шумост, фарзандони азиз! Ман боварӣ дорам, ки шумо роҳи сафеду равшанро, яъне роҳи ақли солим, рӯҳи солим, тани солим ва зиндагии солимро пеш мегиред! Ин аст роҳи дурусти зиндагӣ!

Народная мудрость гласит: “Для воспитания одного ребенка недостаточно семи отцов и семи матерей”.

Что делать, чтобы защитить своих детей от угрозы наркомании? Мы должны усилить совместную борьбу с наркотиками. То есть, Правительство, общество, образовательные и медицинские учреждения, духовенство, родители и каждый неравнодушный человек должны взять на себя ответственность за правильное воспитание молодежи. Если все государственные структуры и общественные организации найдут пути и способы воздействия, приемлемые для молодежи, в том числе фильмы, песни, музыку и культурно-пропагандистские мероприятия, то возможно достичь желаемого результата. Профилактика болезни дает лучшие результаты, чем ее лечение.

Уважаемая молодёжь и дорогие дети, не позволяйте травить ваши чистые и невинные души. Вы должны изучать науки, покорять их вершины, служить своему народу и Отчизне, вписать своё имя в страницы истории.

Родина создала для вас все условия: перед вами открыты двери учебных, спортивных и культурных заведений. Всё это ведёт вас к свету, счастью, благополучию и воплощению мечты. А наркомания, алкоголизм и другие пагубные привычки приведут к мраку, безнадёжности, болезням и смерти. Остерегайтесь этого пути!

Выбор пути за вами, дорогие дети! Я уверена, что ваш выбор это - светлый путь, то есть здоровый разум, здоровый дух, здоровое тело и здоровый образ жизни! Это и есть правильный жизненный путь!



*Сафар Сафаров, Муовини якуми Раиси ҲХДТ*

*Сафар Сафаров, Первый заместитель Председателя НДПТ*

Мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир ва нашъамандӣ, ки солҳои охир бештар дар миёни ҷавонон паҳн шуда истодааст, тамоми ҷомеаи тоҷикро ба ташвиш овардааст. Чунин зуҳуроти номатлуб бе гуфтугӯ ба саломатии мардум ва дар ниҳоят ба генофонди миллат таъсири ҳалокатбор мерасонад. Бар замми он боиси афзудани ҷинояткорӣ дар миёни ҷавонону наврасон мегардад.

Яке аз сабабҳои асосии ба истеъмолу қочоқи нашъа машғул шудани ҷавонон бекорӣ мебошад. Аз ин рӯ, тибқи қарорҳои Анҷуману маҷлисҳои КИМ ҲХДТ ва дастуру ҳидоятҳои Сарвари ҳизбамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи аъзои ҳизб, вазифадоранд, ки дар мавриди муҳайё сохтан ва таъсиси ҷойҳои корӣ тадбирҳои лозимиро амалӣ гардонанд

Дар сатҳи байналмилалӣ низ Тоҷикистон ҳамчун узви созмонҳои ҷаҳонии мубориза алайҳи нашъамандӣ ва қочоқи он талоши зиёд мекунад. Паҳншавии маводи мухаддир аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин Тоҷикистони мо кӯшиш менамояд, ки дар ин ҷода саҳми фаъол дошта бошад.

Распространение наркотиков среди молодёжи в последние годы вызывает серьёзную озабоченность нашего общества. Такое негативное явление наносит колоссальный вред здоровью населения и оказывает отрицательное влияние на генофонд нации. Это, в свою очередь, приводит к росту преступности среди молодёжи.

Одной из основных причин вовлечения молодёжи в контрабанду наркотиков и наркомании является безработица. В связи с этим, в целях реализации принятых решений на съездах НДПТ, а также поручений и рекомендаций Председателя нашей партии, уважаемого Эмомали Рахмона, члены партии, являющиеся ответственными хозяйствующими субъектами, обязаны принять соответствующие меры для создания новых рабочих мест.

На мировой арене Таджикистан, как член многих международных антинаркотиковых организаций, прилагает в этом направлении большие усилия. Распространение наркотиков считается одной из мировых угроз. Поэтому наша страна делает все возможное, чтобы быть на передовых позициях в этой борьбе.



*Умаралӣ Назаров, Ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имом Аъзам Абӯҳанифа, дотсент*

*Умарали Назаров, Ректор исламского института Таджикистана имени Имама Аъзама Абуханифа, доцент*

Ислом барои ҳифзи саломатии инсон эътибори махсус додааст, ки риоя намудани он сабабгори эминӣ аз ҳар гуна бемориҳо мегардад. Ислом бо назардошти он, ки байни рӯҳу ҷисми инсон як иртиботи қавӣ вуҷуд дорад, тарбияи ҷисму рӯҳро тавсия намуда, таваҷҷӯҳ ба онро таъкид мекунад.

Худованд дар бораи маводи масткунанда мефармояд: «Эй мӯъминон, чуз ин нест, ки хамр ва қимор ва нишонаҳои маъбудони ботил ва тирҳои фол

палид ва аз кирдори шайтон аст; пас аз вай дурӣ кунед, то бувад, ки растагор шавед!». Сураи Моида, ояти 90.

Аз ин лиҳоз, маводи мухаддир ва мадҳушкунанда - ҳашишу героин ва амсоли он, ки сабабгори беморӣ ва оқибатҳои нохуш мегарданд, бо иттифоқи ҳамаи олимони исломӣ ҳаром дониста шудааст.

Аз ин рӯ метавон гуфт, ки даст задан ба нашъамандӣ як навъ худкушии тадриҷӣ мебошад ва онро дини мубини Ислом сароҳатан маҳкум кардааст. Қуръони карим дар ин бора ба мусалмонон чунин амр намудааст : «Ва хештанро бо дастҳои худ ба (вартаи) ҳалокат маафканед» (сураи «Бақара», ояти 195). Вобаста ба ин дар ҳадиси Пайғамбар(с) омадааст: «Ҳар масткунандае хамр аст ва ҳар масткунандае ҳаром аст», ривояти Муслим.

Чунин зарар овардан бар худ ва бар ҷомеа аз доираи таълимоти исломӣ берун аст, зеро Пайғамбар (с) дар ҳадиси шарифашон фармуданд: «Дар Ислом ба худ ва ба дигарон зарар расонидан ҷоиз нест» (ривояти Имом Молик).

Бадмастӣ ва истеъмоли маводи мухаддир, пеш аз ҳама ба бузургтарин сармояи миллату ҷомеа, яъне ақлу зеҳни инсонҳо таҳдид мекунад.

Ислам уделяет большое значение здоровому образу жизни, так как его соблюдение оберегает человека от различных недугов. С учетом того, что между телом и душой человека существует неразрывная связь, Ислам рекомендует опираться на это в вопросах воспитания.

Всевышний, говоря об одурманивающих веществах, указывает: “О те, которые уверовали! Воистину, опьяняющие напитки, азартные игры, каменные жертвенники (или идолы) и гадальные стрелы являются скверной из деяний дьявола. Сторонитесь же ее, - быть может, вы преуспеете» Сура Моида (Трапеза) аят 90.

В связи с этим, наркотические и одурманивающие вещества – гашиш, героин и им подобное, которые являются причиной болезни и негативных последствий, всеми учеными богословами ислама признаются запретными.

Из этого следует, что потребление наркотиков является одним из видов самоубийства, что категорически осуждается и Исламом. По этому поводу Коран наставляет мусульман: “Делайте пожертвования на пути Аллаха и не обрекайте себя на гибель» Сура Бакара (Корова) аят 195. В хадисе Посланника Аллаха говорится: “Все, что туманит рассудок является одурманивающим напитком, а все одурманивающее – запретно”.

Такое принесение вреда себе и обществу выходит за рамки основ учения Ислама, так как Пророк в своем благословенном хаддисе указал: “Ислам исключает причинение вреда себе и другим” (толкование Имама Малика).

Пьянство и употребление наркотиков, прежде всего, угрожают величайшим ценностям нации и общества – разуму и сознанию человека.



*Исмоил Талбаков, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, муовини Раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон*

*Исмоил Талбаков, Депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли РТ, Заместитель председателя Коммунистической партии Таджикистана*

Мубориза бо маводи мухаддир ин кори ҳама дар маҷмӯъ ва кори ҳар як нафар дар алоҳидагӣ мебошад. Танҳо насли солим метавонад ҷомеаи солимро бунёд намояд.

Ҷавонон бояд қувваи худро дар кори фоиданок сарф кунанд. Барои дигар корҳои зараровар вақт надошта бошанд.

Борьба с наркотиками является обязанностью как общества в целом, так и каждой личности в отдельности. Только здоровое поколение может построить здоровое общество.

Молодёжь должна направить свою энергию на благие, полезные дела. Тогда у них не будет времени на дела, приносящие вред.



*Ҷӯрабек Муродов, Ҳунарманди мардумии ИҶШС*

*Джурабек Муродов, Народный артист СССР*

Суруду мусиқӣ қудрате дорад, ки инсонро аз ноумедӣ ба сӯи умед мекашонад, инсонҳоро ба ҳаёт дилгар месозад ва роҳеро нишон медиҳад, ки роҳи саодату хушбахтист. Ин аст силоҳи мо дар мубоpизаи дастаҷамъӣ бо марги иҷборӣ. Зеро суруд ва мусиқӣ аз қадим пайвандгари наслҳо, давои садҳо дардест, ки иртибот ба рӯҳи инсон дорад. Нашъамандӣ ҳам ба мисоли дарди рӯҳии башар аст. Рӯҳро танҳо метавон бо рӯҳ табобат кард ва як роҳи он ҳамин таронаву савту калом аст. Рӯҳи инсоне, ки мусиқӣ мешунавад, бемор намешавад. Рӯҳи солим сӯи нашъа гом намезанад.

Песня и музыка имеют силу, которая способна привести человека от безнадёжности к надежде, привить любовь к жизни и показать путь к счастью и благополучию. Это и есть наше оружие, с которым мы вместе можем бороться с “белой смертью”. Песня и музыка с давних времен объединяет поколения, является лекарством от сотен болезней, которые поражают душу человека. Наркомания – есть душевная болезнь некоторой части общества. Душа лечится душой, и один из  путей – это музыка и песня. Человек, увлеченный музыкой, духовно не болеет и не приемлет наркотики.



*Роҳбари  калисои русӣ-православии «Свято-Никольский Собор»-и ш. Душанбе*

*Отец Сергий, Настоятель Свято-Никольского Собора г. Душанбе*

Дарки гуноҳ оғози бахшоиш мебошад. Истеъмоли моводи нашъадор худ бемории рӯҳист, ки ақл, ирода ва ҳиссиётро тира сохта, инсонро ба макру фиреби  шайтон наздик месозад.

Талабот ба мухаддирот дар ҳолате пайдо мегардад, ки инсон иқтидору тавоноии худро амалӣ карда наметавонад. Барои табобати нашъаманд аз дасташ раҳонидани нашъа кифоя нест. Зарур аст, ки ба ӯ дар ивази «бахти қалбакӣ» кӯмак намоем. Ивази муккамали ин «бахт» метавонад танҳо зиндагии фаъоли пурмаънӣ ва дарки масъулияти шахсӣ барои тақдири хеш,  барои қисмати наздикон ва Ватан бошад.

Калисо ба ғаму андӯҳи тамоми ҷомеъа ва ҳар як шахс дар алоҳидагӣ, ки аз бекорӣ, камбизоатӣ, беморӣ, муноқишаи шаҳрвандӣ ва терроризм осеб дидааст, шарик буда таскин мебахшад. Калисо дар ҳамаи санҷишҳои Худованд, ки барои дарк ва  бахшоиш мефиристад,   ҳамеша бо халқи худ мебошад.

Осознание греха уже является началом покаяния. Употребление наркотиков есть духовный недуг, который, поражая разум, волю, чувства, делает человека крайне уязвимым для действия демонических сил.

Спрос на наркотики возникает тогда, когда человек не в состоянии реализовать свой личный потенциал. Следовательно, для формирования стойкой ремиссии недостаточно изъять наркотик у больного. Нужно помочь ему найти замену «суррогатному счастью». Полноценной заменой может быть лишь деятельная жизнь, наполненная смыслом и сознанием личной ответственности не только за собственную судьбу, но и за судьбы своих ближних, своей Родины.

Церковь разделяет горести всего общества в целом, и каждого отдельного человека, страдающего от неустроенности, бедности, болезней, межнациональных столкновений, проявлений терроризма. Церковь всегда была и будет со своим народом во всех испытаниях, которые Господу благоугодно будет послать нам для вразумления и покаяния.



*Валерий Турсунов, Ноиби аввали президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, Устоди варзиши ИҶШС, Мураббии хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон*

*Валерий Турсунов, Первый вице-президент Федерации футбола Таджикистана, Мастер спорта СССР, Заслуженный тренер Таджикской ССР*

Маро ҳамчун корманди масъули Федератсияи футболи Тоҷикистон ва ҳамчун собиқадори соҳаи варзиш, ҳолати паҳнгардии нашъамандӣ, алалхусус дар байни наврасону ҷавонон, ҷиддӣ мушавваш мегардонад.

Чунин меҳисобам, ки роҳи асосии пешгирии паҳншавии ин падидаи номатлуб дар байни наврасону ҷавонон, ба таври оммавӣ ҷалб намудани онҳо ба варзиш, бахусус ба бозии футбол мебошад. Барои онҳо ҳар қадаре, ки имкон ҳаст мусобиқаҳои зиёдтар ташкил бояд кард. Шиори ин мусобиқаҳо бояд чунин бошад: «Кӯдакону наврасон зидди маводи мухаддир!» ё «Ҷавонон муқобили нашъамандӣ!».

Меня, как ответственного сотрудника Федерации футбола РТ, а также ветерана спорта очень сильно волнует проблема распространения наркотиков, особенно среди молодёжи.

Я считаю, что основным путём предотвращения распространения этого негативного явления среди подростков и молодёжи является их массовое привлечение к спорту, в частности, к футболу. И для них нужно как можно больше организовывать спортивные состязания. Девизом этих соревнований должно быть: “Юношество против наркотиков!” или “Молодежь против наркомании!”



*Сӯҳробшо Алимов, Раиси Кумитаи кор бо ҷанговарони интернатсионалисти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Сухробшо Алимов, Председатель Комитета воинов-интернационалистов Республики Таджикистан*

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки истеҳсоли маводи мухаддир, хусусан героин ба чӣ оқибатҳои ҳузновар оварда мерасонад. Героин ҳамчун маводи сахттаъсири мадҳушкунанда баробари истеъмоли якдафъаина одамро гирифтори худ месозад ва оқибат ба дами марг мебарад.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза ва аз байн бурдани раванди ғайриқонунии гардиш ва истеъмоли маводи нашъадор чораҳои муассиру қатъиро андешида истодаанд. Дар баробари мубориза ва пешгирии роҳи ин хатари ҷиддӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба ин кор бояд ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту идораҳои ҷамъиятӣ, аҳли ҷамоатчигӣ ва тамоми мардум, пиру ҷавон низ ҷалб карда шуда, муборизаи беамон баранд. Чунки ин офат ба сари аждаҳои афсонавӣ монанд аст, ки бо буридани он боз аз ҷои дигар месабзад.

Танҳо бо муборизаи дастаҷамъӣ, пурзӯр намудани таблиғу фаҳмондадиҳии аҳолӣ, хусусан насли ҷавон, ҳамчунин пурқувват намудани қонунгузорӣ дар ин бахш, муайян намудани ҷазои сахт ба нашъаҷаллобон пеши роҳи ин хатари марговарро то андозае гирифта метавонем.

Собиқадорони ҷанговарони интернатсионалисти ҷумҳурӣ аз таҷрибаи ҳаёти худ чӣ будан ва ба кадом ҳолат расонидани одамро ба воситаи истеъмоли маводи нашъадор хуб медонанд. Аз ин рӯ бо ин маводи марговар муборизаи беамон бурда, дар байни гурӯҳҳои ҷавонон доимо корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ мебаранд, то ин ки гирифтори фиреби гурӯҳҳои нашъаҷаллоб ва сархушии якдафъаинаи оқибаташ пурдарду ғам нагарданд.

Не секрет, что производство наркотиков, особенно героина, имеет печальные последствия. Героин, как сильнодействующее наркотическое средство, даже после разового употребления вызывает зависимость у человека и постепенно приводит его к смерти.

Государство и Правительство Республики Таджикистан принимают эффективные и решительные меры, направленнные на борьбу с незаконным оборотом и употреблением наркотических средств. На-

ряду с компетентными государственными органами, на бескомпромисную борьбу с этим злом необходимо привлечь гражданское общество, общественные организации, а также активистов, ветеранов и молодежь. Наркоугроза похожа на сказочного дракона, у которого вместо отсеченной головы вырастает новая голова.

Мы можем в определенной мере предотвратить эту смертоносную угрозу путем совместной борьбы, усиления пропагандистско-разъяснительной работы среди населения, особенно среди молодого поколения, а также усилением законодательства и определением строгих мер наказания наркоторговцам.

Воины-интернационалисты республики непонаслышке знают, до какого состояния может довести людей употребление наркотиков. Поэтому они ведут беспощадную борьбу с этим смертоностным зельем, постоянно проводят разъяснительную работу среди молодежи, чтобы они не стали жертвой обмана наркоторговцев и задумались о трагических последствиях сиюминутного наслаждения.



*Мирсаид Яҳёев, Президенти Федератсияи миллии Таэквон-дои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барандаи камарбанди сиёҳ, 7-ум дан, устоди таэквон-до, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Мураббии шоистаи Тоҷикистон*

*Мирсаид Яхёев, Президент Национальной федерации Таэквон-до Республики Таджикистан, Обладатель черного пояса, 7-й дан, мастер таэквон-до*

Аз назари ман варзиш беҳтарин роҳи таъсир расонидан ба кӯшишҳои ҷавонону наврасон барои ворид гардидан ба тарзи ҳаёти солим аст. Варзиш ҳам воситаи ҳаёти солим ва ҳам воситаи таблиғи он аст.

Агар ҷавон ё наврас вориди варзишгоҳ шавад, вай барои худ машғулияти дилхоҳ пайдо мекунад ва дигар шарт нест, ки ӯро таблиғ кунед, ки нашъа истеъмол накунад ва ё носу сигор накашад.

На мой взгляд, спорт – это лучший путь воздействия на стремление молодёжи к здоровому образу жизни. Спорт является лучшим способом ведения здорового образа жизни и агитацией за это.

Если юноша переступает порог стадиона, то он находит здесь для себя любимое занятие, и тогда его не нужно агитировать против употребления наркотиков или табака.



*Олга Муравлёва, полковники х.н.м.н., Собиқадори Агентии назорати маводи нашъаовари назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Ольга Муравлёва, полковник с.к.н., ветеран Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан*

Гарави натиҷаҳои мусбат дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, таблиғи тарзи ҳаёти солим, ҷалби ҷавонон ба фаъолияти самаранок, ташкили фароғат, дастрасӣ ба дарёфти маълумот ва касб, таъмин бо ҷои кор ба ҳисоб меравад.

Нашъамандӣ ин беморист, бемории на як фард, балки бемории ҷомеа мебошад. Бо он ҳатман бояд мубориза бурд, барои ин ҷидду ҷаҳд ва фаъолияти дастаҷамъии на танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки ҷамъият ба хотири ҳифзи генофонди миллат равона гардад, ки мо дар назди наслҳои оянда масъулияти онро ба дӯш дорем.

Залогом положительных результатов борьбы с незаконным оборотом наркотиков являются пропаганда здорового образа жизни, вовлечение молодежи в активную деятельность, организация досуга, доступность получения образования и профессий, гарантия трудоустройства.

Наркомания – это болезнь не одного человека, а общества. С ней необходимо бороться и на это должны быть направлены усилия не только правоохранительных органов, но и всего общества во имя сохранения генофонда нации, за что мы все несем ответственность перед будущим поколением.



*Фирдавс Раҳматуллоев, донишҷӯи бахши 3-уми Донишгоҳи ш.Санкт-Петербурги ВКД ФР*

*Фирдавс Рахматуллоев, студент 3-го курса Санкт-Петербургского Университета МВД РФ*

Давлат ҳамаи шароитҳоро фароҳам месозад, то ин ки насли ҷавон зиндагонии бошарафона дошта бошад. Танҳо зарур аст нерӯи худро ба кор бурд, бояд кӯшиш кард, ки мавқеъи истифодаи дониш ва малакаи худро пайдо кард. Ман чунин фикр мекунам, ҳеҷ кас ба ҷуз худам ҳокими тақдирам нест. Агар маводи мухаддирро ба ту пешниҳод кунанд, зарур аст ҷиддан аз он даст бикашӣ ва кӯшиш кунӣ дӯстонатро низ аз он дур нигоҳ дорӣ. Чунки ин роҳ ба нестӣ мебарад.

Ман зидди маводи мухаддирам ва бо тамоми нерӯ мекӯшам ба муқобили он мубориза барам, ҳамеша ва дар ҳама ҷо ба ҳамсолонам мефаҳмонам, набояд бо ҳаёти худ бозӣ кард. Бингаред, атроф чӣ қадар зебост! Бояд зиндагонӣ кард, аз ҳаёт хушнуд бояд буд, на ин ки онро тарк кунӣ!

Государство делает все возможное, чтобы молодое поколение жило достойно. Необходимо только приложить силы, надо постараться найти область применения своим знаниям и умениям. Я считаю, что никто не властен над моей судьбой, кроме меня самого. Необходимо твердо отказываться от наркотиков, если тебе их предложат, и постараться оградить от них друзей и близких. Ведь это дорога, ведущая в пропасть, в никуда.

Я против наркотиков и всеми силами буду бороться против них, всегда и всюду объяснять своим сверстникам – нельзя играть своей жизнью. Посмотрите, вокруг так много прекрасного! Надо жить, радоваться жизни, а не уходить от неё!



*Рахмонзода Мавзунаи Эмомҷон*
*толибаи синфи 11 мактаби таҳсилоти ҳамагонии №8 ш. Ваҳдат*

*Рахмонзода Мавзунаи Эмомджон*
*Ученица 11 класса общеобразовательной школы №8 г. Вахдат*

Ба орзуҳои ширину хаёлоти рангини мо, наврасон, хатари ҷиддӣ «марги сафед» таҳдид мекунад. Мо, насли наврас, набояд ба ин дарди ҷомеа, ки ба ҳастии миллат, шукуфоии диёри азизамон таҳдид мекунад, бетараф бошем.

Бо дидани манзараҳои даҳшатноки истеъмоли маводи нашъадор ҳисси эҳтиёт ва тарс зиёд мегардад. Мо бояд ҳам дар мактаб ва ҳам дар хона ба ҳамсолонамон бирасонем, ки бо мухаддирот сарукор гирифтан, «бо марг бозӣ кардан» аст.

Аз ҳамсолонам эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки вуҷуди поку беолоиши худро аз истеъмоли ин мавод эҳтиёт кунанд ва нагузоранд, ки тани солиму ҷавонашон дар айни шукуфоӣ хазон гардад.

Ман боварии комил дорам, ки насли навраси Тоҷикистон дар интихоби роҳ ба хатогӣ роҳ надода, ба сӯи рӯшноӣ, бахту саодат ва ормонҳои ширини ҷавонӣ қадам мегузоранд.

Нам, молодым, мечтающим о хорошей и радужной жизни, угрожает серьёзная опасность – «белая смерть». Мы, подрастающее поколение, не должны оставаться равнодушными к этой общественной «боли», которая угрожает будущему нашей нации и процветанию родного края.

Ощущение страха и чувство опасности возникают при виде ужасающих последствий употребления наркотиков. Мы должны как в школе, так и дома, донести до сверстников понятие о том, что связь с наркотиками – это «игра со смертью».

Своим сверстникам я желаю, чтобы они берегли свою жизнь от употребления наркотиков, и не допустили, чтобы их молодое, здоровое тело погибло в годы расцвета.

Я очень верю, что молодое поколение Таджикистана выберет верный и светлый путь, полный счастья и благополучия.

## МАВОДИ МАЪЛУМОТӢ – АХБОРОТӢ

## ИНФОРМАЦИОННО – СПРАВОЧНЫЕ МАТЕРИАЛЫ

# 12





Ҷумҳурии Тоҷикистон – давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст, аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб мегардад.

Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Мӯҳлати ваколати Маҷлиси Олӣ – 5 сол аст.

Адолати судиро Суди Конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо амалӣ мекунанд.

Республика Таджикистан – суверенное, демократическое, правовое, светское и унитарное государство.

Президент Республики Таджикистан является главой государства и исполнительной власти (Правительства), избирается гражданами Таджикистана на основе всеобщего, равного и прямого избирательного права при тайном голосовании сроком на 7 лет.

Маджлиси Оли – парламент Республики Таджикистан - является высшим представительным и законодательным органом Республики Таджикистан. Состоит из двух Маджлисов – Маджлиси Милли и Маджлиси Намояндагон. Срок полномочий Маджлиси Оли – пять лет.

Судебную власть осуществляют Конституционный суд, Верховный суд, Высший экономический суд, Военный суд, суд Горно-Бадахшанской Автономной области, областные, города Душанбе, городские и районные суды.

Маълумотҳои умумӣ / Общие сведения

| | |
|---|---|
| Номи давлат / Название государства | Ҷумҳурии Тоҷикистон /Республика Таджикистан |
| Майдон / Площадь | 143,100 км$^2$ |
| Аҳолӣ / Население | 7,6 миллиона |
| Пойтахт / Столица | Душанбе |

Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ / Административно-территориальное деление:

| |
|---|
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон / Горно-Бадахшанская Автономная область |
| Вилояти Хатлон / Хатлонская область |
| Вилояти Суғд / Согдийская область |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ / Районы республиканского подчинения |

Давлатҳои бо Тоҷикистон ҳамсарҳад:
Государства, граничащие с Таджикистаном:

| | |
|---|---|
| Ҷумҳурии Исломии Афғонистон / Исламская Республика Афганистан | - 1344 км |
| Ҷумҳурии Узбекистон / Республика Узбекистан | - 1333 км |
| Ҷумҳурии Қирғизистон / Кыргызская Республика | - 987 км |
| Ҷумҳурии Халқии Хитой / Китайская Народная Республика | - 495 км |
| Дарозии умумии сарҳад / Общая протяженность границы | - 4159 км |

## Шароити иқлим ва табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурӣ маъмулан сарзамини кӯҳсор буда, баландии сатҳи қуллаҳо аз 300 то 7495 метр мерасанд. 93 фоизи ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳад ва аз баландтарин қаторкӯҳҳои Осиёи Миёна, аз қабили Тён-Шон ва Помир иборат аст.

Иқлими Тоҷикистон хушк буда, ҳарорат дар фасли тобистон +50° С ва дар фасли зимистон –50° С мешавад.

Аз рӯи захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои узви ИДМ баъд аз Россия ҷои дуюмро ишғол мекунад. Сарчашмаи серобии ин минтақа пиряххо мебошанд.

Дарёҳои асосӣ: Сир, Ому, Зарафшон, Панҷ ва Вахш.

## Природно-климатические условия Республики Таджикистан

Республика по рельефу – горная страна с отметками абсолютных высот от 300 до 7495 метров. 93 процента её территории занимают горы, относящиеся к высочайшим горным системам Средней Азии: Тянь-Шанской и Памирской.

Климат континентальный – от +50$^0$ С летом до -50$^0$ С зимой.

По гидроресурсам Республика Таджикистан занимает второе место в СНГ, после России. Основными водосборниками являются ледники.

Главные реки: Сыр-Дарья, Аму-Дарья, Зарафшон, Пяндж и Вахш.

## Идораҳое, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор муборизаро амалӣ месозанд

- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми ҳамоҳангсоз;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хадамоти Гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Ведомства, осуществляющие борьбу с незаконным оборотом наркотиков

- Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан – координирующий орган;
- Министерство внутренних дел Республики Таджикистан;
- Государственный комитет национальной безопасности Республики Таджикистан;
- Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан;
- Таможенная служба при Правительстве Республики Таджикистан;
- Генеральная Прокуратура Республики Таджикистан.

## Меры наказания за незаконный оборот наркотиков в Республике Таджикистан

### Ответственность за административные правонарушения в сфере незаконного оборота наркотиков

| № статьи Административного кодекса | Название статьи | Меры наказания |
|---|---|---|
| ст.127 состоит из 1-й части | Незаконное культивирование запрещенных к возделыванию растений, содержащих наркотические вещества | наложение штрафа в размере от десяти до двадцати показателей для расчетов с конфискацией предмета административного правонарушения. |
| ст.128 состоит из 2-х частей | Незаконное производство, изготовление, переработка, приобретение, хранение, транспортировка или пересылка наркотических средств, или психотропных веществ, или их прекурсоров | ч.1 – наложение штрафа на физических лиц в размере от двадцати до тридцати, на должностных лиц - от сорока до пятидесяти показателей для расчетов с конфискацией предмета административного правонарушения;<br>ч.2 – наложение штрафа в размере от сорока до пятидесяти показателей для расчетов с конфискацией предмета административного правонарушения. |
| ст.129 состоит из 2-х частей | Вовлечение несовершеннолетних в употребление спиртных напитков или одурманивающих веществ | ч.1 – наложение штрафа в размере от пяти до десяти показателей для расчетов;<br>ч.2 – наложение штрафа в размере от двадцати до тридцати показателей для расчетов. |
| ст.131 состоит из 1-й части | Пропаганда наркотических средств, психотропных веществ или их прекурсоров | наложение штрафа на физических лиц в размере от десяти до двадцати, на должностных лиц - от сорока до пятидесяти и на юридические лица - от двухсот до трёхсот показателей для расчетов с конфискацией предмета административного правонарушения. |
| ст.261 состоит из 1-й части | Незаконное выращивание наркотических растений | наложение штрафа в размере от пяти до десяти показателей для расчетов. |

### Уголовная ответственность за незаконный оборот наркотиков

| № статьи Уголовного кодекса | Название статьи | Меры наказания |
|---|---|---|
| ст.200 состоит из 4-х частей | Незаконный оборот наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта | ч.1 – лишение свободы на срок до пяти лет;<br>ч.4 – лишение свободы на срок от двенадцати до двадцати лет с конфискацией имущества. |
| ст.201 состоит из 4-х частей | Незаконное обращение с наркотическими средствами или психотропными веществами | ч.1 –штраф в размере от ста до пятисот минимальных размеров заработной платы либо лишение свободы на срок до двух лет;<br>ч.4. – лишение свободы на срок от восьми до двенадцати лет с конфискацией имущества или без такового. |
| ст.202 состоит из 3-х частей | Хищение наркотических средств или психотропных веществ | ч.1. – лишение свободы на срок от трех до пяти лет;<br>ч.3. – лишение свободы на срок от десяти до пятнадцати лет с конфискацией имущества. |
| ст.202[1] состоит из 3-х частей | Незаконное производство, изготовление, переработка приобретение, хранение, транспортировка или пересылка прекурсоров | ч.1. – штраф в размере до трёхсот минимальных размеров заработной платы либо ограничение свободы на срок до двух лет;<br>ч.3. – лишение свободы на срок от пяти до восьми лет с конфискацией имущества или без такового. |

| | | |
|---|---|---|
| ст.202[2] состоит из 3-х частей | Хищение прекурсоров | ч.1. – лишение свободы на срок до трех лет; ч.3. – лишение свободы на срок от семи до двенадцати лет с конфискацией имущества или без такового. |
| ст.203 состоит из 3-х частей | Вовлечение в потребление наркотических средств или психотропных веществ | ч.1 – лишение свободы на срок до пяти лет; ч.3. – лишение свободы на срок от семи до двенадцати лет. |
| ст.204 состоит из 4-х частей | Незаконное культивирование запрещенных к возделыванию растений, содержащих наркотические вещества | ч.1. – штраф в размере от двухсот до пятисот минимальных размеров заработной платы либо лишение свободы на срок до двух лет; ч.4 – лишение свободы на срок от восьми до двенадцати лет с конфискацией имущества или без такового. |
| ст.205 состоит из 2-х частей | Организация или содержание притонов для потребления наркотических средств или психотропных веществ | ч.1 – лишение свободы на срок от трех до пяти лет; ч.2. – лишение свободы на срок от пяти до десяти лет с конфискацией имущества. |
| ст.289 состоит из 4-х частей | Контрабанда | ч.1 – лишение свободы на срок до пяти лет; ч.4 – лишение свободы на срок от пятнадцати до двадцати лет с конфискацией имущества и с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью сроком до пяти лет или без такового. |
| ст.262 состоит из 3-х частей | Легализация (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем | ч.1 – штраф в размере от пятисот до одной тысячи показателей для расчётов либо лишение свободы на срок до четырех лет со штрафом в размере до двухсот показателей для расчётов; ч.3 – лишение свободы на срок от семи до десяти лет с конфискацией имущества или без таковой и с лишением права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью сроком на пять лет или без такового. |

## Перечень и размер некоторых наркотических средств и психотропных веществ, находящихся в незаконном обороте и изымаемых в Республике Таджикистан (из Приложения №1 к УК РТ)

*Таблица №1*

| Наименование наркотических средств и психотропных веществ | Небольшие размеры «свыше» - » | Большие размеры «свыше» - «до (включительно)» | Крупные размеры «свыше» - «до (включительно)» | Особо круп-ные размеры «свыше» |
|---|---|---|---|---|
| Растение каннабис | 5 - 10 растений | 10 - 50 растений | 50 - 500 растений | 500 растений |
| Каннабис не высушенный | 500 - 1000 гр | 1 - 5 кг | 5 кг - 50 кг | 50 кг |
| Каннабис высушенный | 100 - 200 гр | 200 - 1000 гр | 1 - 10 кг | 10 кг |
| Гашиш (верхушки растения каннабиса) | 20 - 100 гр | 100 - 500 гр | 500 гр - 5 кг | 5 кг |

| Растение мака опийного | 10 - 25 растений | 25 - 125 растений | 125 - 1250 растений | 1250 растений |
|---|---|---|---|---|
| Смесь не высушенных стеблей, листьев, коробочек и других частей растения мака опийного | 100 - 500 гр | 500 гр - 2,5 кг | 2,5 - 25 кг | 25 кг |
| Смесь высушенных стеблей, листьев, коробочек и других частей растения мака опийного | 20 - 100 гр | 100 - 500 гр | 500 гр - 5 кг | 5 кг |
| Настойки, настои и отвары опия, в том числе, приготовленные кустар-ным способом | 20 - 100 мл | 100 - 500 мл | 500 мл - 5 л | 5 л |
| Опиум | 5 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1 - 10 кг | 10 кг |
| Героин (диацетилморфин) | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| МДМА (MDMA) | 0,02 - 1,0 гр | 1,0 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 гр |
| Тенамфетамин (MDA) | 0,02 - 1,0 гр | 1,0 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 гр |
| Метадон | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Морфин | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Тебаин | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Кодеин | 1 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Тримеперидин (Промедол) | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Фентанил | 0,001 - 0,1 гр | 0,1 - 1,0 гр | 1,0 - 10 гр | 10 гр |
| Амфетамин (фенамин) | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Метамфетамин | 0,5 - 10 гр | 10 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1000 гр |
| Фенобарбитал | 5 - 100 гр | 100 - 1000 гр | 1 кг - 10 кг | 10 кг |
| Диазепам (Реланиум) (5 мг * 50) | 0,5 - 25 гр | 25 - 250 гр | 250 гр - 2,5 кг | 2,5 кг |
| Нитразепам (Радедорм) (10 мг * 50) | 1 - 25 гр | 25 - 250 гр | 250 гр - 2,5 кг | 2,5 кг |

## Перечень и размер прекурсоров, находящихся в незаконном обороте

*Таблица №2*

| | Наименование прекурсоров | Крупные "свыше – до" (включительно), кг | Особо крупные (свыше), кг |
|---|---|---|---|
| 1. | Ангидрид уксусной кислоты | 2,0 – 4,0 | 4,0 |
| 2. | N – ацетилантраниловая кислота | 0,3 – 3,0 | 3,0 |
| 3. | Эфедрин | 0,03 – 0,3 | 0,3 |
| 4. | Эрготамин | 0,01 – 0,05 | 0,05 |
| 5. | Изосафрол | 0,5 – 5,0 | 5,0 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. | Лизергиновая кислота | 0,0001 – 0,001 | 0,001 |
| 7. | 3,4-метилендиоксифенил-2-пропанон | 0,1 – 0,5 | 0,5 |
| 8. | Норэфедрин | 0,03 – 0,3 | 0,3 |
| 9. | 1-фенил-2-пропанон | 0,04 – 0,4 | 0,4 |
| 10. | Пиперональ | 0,2 – 2,0 | 2,0 |
| 11. | Перманганат калия | 1,0 – 5,0 | 5,0 |
| 12. | Псевдоэфедрин | 0,03 – 0,3 | 0,3 |
| 13. | Сафрол | 1,0 – 10 | 10,0 |
| 14. | Эргометрин (Эргоновин) | 0,01 – 0,05 | 0,05 |
| 15. | Трава эфедры<br>(Ephedra equisetina Bunge)<br>- невысушенная<br>- высушенная | <br><br>2,5 – 12,5<br>2,0 – 10,0 | <br><br>12,5<br>10,0 |

*Таблица №3*

| | Наименование прекурсоров | Крупные “свыше – до” (включительно), кг | Особо крупные (свыше), кг |
|---|---|---|---|
| 1. | Ацетон | 50,0 – 200,0 | 200,0 |
| 2. | Антраниловая кислота | 2,5 – 25,0 | 25,0 |
| 3. | Этиловый эфир | 20,0 – 100,0 | 100,0 |
| 4. | Серная кислота | 100,0 – 500,0 | 500,0 |
| 5. | Пиперидин | 0,2 – 2,0 | 2,0 |
| 6. | Фенилуксусная кислота | 1,0 – 10,0 | 10,0 |
| 7. | Метилэтилкетон | 50,0 – 200,0 | 200,0 |
| 8. | Соляная кислота | 100,0 – 500,0 | 500,0 |
| 9. | Толуол | 50,0 – 200,0 | 200,0 |

## Хонандагони гиромӣ!

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шумо барои таваҷҷӯҳ ба Шарҳи мазкур, ки тамоюлҳои асосии инкишофи вазъи мухаддиротӣ дар кишвар ва минтақа, тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, идораҳо, ҳамчунин созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ дар самти назорати муомилоти маводи мухаддир ва пешгирии нашъамандӣ дар он инъикос ёфтаанд, изҳори сипосу қадрдонӣ мекунад.

Шарҳ аз ҷониби мутахассисони Агентӣ дар асоси маълумоти ҷамъоварӣ ва таҳлилшуда омода гардидааст. Мо ба ҳар эроду пешниҳод дар ин замина изҳори ташаккур мекунем ва Шумо метавонед онҳоро бо суроғаи зер ирсол намоед:

- 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯчаи ба номи Н. Қарабоев, 52

- почтаи электронӣ: dca@tojikiston.com

- тел./факс: +992 37 2348129; +992 37 2339017

## Уважаемые читатели!

Агентство по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан выражает Вам признательность за проявленный интерес к данному Обзору, в котором отражены основные тенденции развития наркоситуации в стране и в регионе, изложены меры, принимаемые Правительством Республики Таджикистан, министерствами, ведомствами, а также международными и общественными организациями в сфере контроля за оборотом наркотиков и профилактики наркомании.

Обзор подготовлен специалистами Агентства на основе собранных и проанализированных сведений. Мы были бы признательны Вам за предоставление комментариев, замечаний и предложений, которые можно направить:

- по адресу: 734018, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул.Н. Карабаева, 52

- электронной почтой: dca@tojikiston.com

- факсом: +992 37 2348129; +992 37 2339017

## МУНДАРИҶА


ПЕШГУФТОР 2

ҶИНОЯТҲОИ МУХАДДИРОТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ ОН 5

КИШТИ КӮКНОР ВА ИСТЕҲСОЛИ АФЮН ДАР АФҒОНИСТОН 21

ТАҲҚИҚИ МАВОДИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ ВА ПРЕКУРСОРҲОЕ, КИ ДАР ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУСОДИРА МЕШАВАНД 30

АМАЛИЁТИ ҶУМҲУРИЯВИИ «КӮКНОР - 2011» 41

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НАРКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 44

ТАҲҚИҚИ СОТСИОЛОГӢ: «МУНОСИБАТИ ГУРӮҲҲОИ АЛОҲИДАИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МАВОДИ НАШЪАДОР ВА ИСТЕЪМОЛИ МУХАДДИРОТ» 55

ПЕШГИРИИ НАШЪАМАНДӢ 63

НАЗОРАТИ МУОМИЛОТИ ҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР, МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ ВА ПРЕКУРСОРҲО 72

ДУРНАМОИ ИНКИШОФ 75

ТАТБИҚИ БАРНОМАҲО ОИД БА НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАДОР ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 81

ТОҶИКИСТОНИЁН ДАР БОРАИ МУХАДДИРОТ ВА НАШЪАМАНДӢ 98

МАВОДИ МАЪЛУМОТӢ-АХБОРОТӢ 107

# СОДЕРЖАНИЕ


ВВЕДЕНИЕ 2

НАРКОПРЕСТУПНОСТЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ТЕНДЕНЦИИ ЕЁ РАЗВИТИЯ 5

КУЛЬТИВИРОВАНИЕ ОПИЙНОГО МАКА И ПРОИЗВОДСТВО ОПИЯ В АФГАНИСТАНЕ 21

ИССЛЕДОВАНИЯ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ, ПСИХОТРОПНЫХ ВЕЩЕСТВ И ПРЕКУРСОРОВ, ИЗЫМАЕМЫХ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 30

РЕСПУБЛИКАНСКАЯ ОПЕРАЦИЯ «КУКНОР - 2011» 41

АНАЛИЗ НАРКОЛОГИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 44

СОЦИОЛОГИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ: «ОТНОШЕНИЕ ОТДЕЛЬНЫХ ГРУПП НАСЕЛЕНИЯ К ПРОБЛЕМЕ НАРКОТИКОВ И НАРКОПОТРЕБЛЕНИЯ» 55

ПРОФИЛАКТИКА НАРКОМАНИИ 63

КОНТРОЛЬ ЗА ЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ, ПСИХОТРОПНЫХ ВЕЩЕСТВ И ПРЕКУРСОРОВ 72

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ 75

РЕАЛИЗАЦИЯ ПРОГРАММ ПО КОНТРОЛЮ ЗА НАРКОТИКАМИ И МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН 81

ТАДЖИКИСТАНЦЫ О НАРКОТИКАХ И НАРКОМАНИИ 98

ИНФОРМАЦИОННО-СПРАВОЧНЫЕ МАТЕРИАЛЫ 107